# Фирӯза

№ 7–8
2 0 2 6
«Занони Тоҷикистон»
Таъсис аз соли 1932





# СУЛҲ БА ХОТИРИ НАСЛҲОИ ОЯНДА

**Сулҳу субот аз арзишҳои волотарини башарият буда, таъмини он ҳамеша яке аз ҳадафҳои асосии ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун кишвари ташаббускор дар пешбурди рӯзномаи ҷаҳонии сулҳ мавқеи шоиста касб намудааст.**

Ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба эълон намудани «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» барои солҳои 2027–2036 ва қабули он аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид ва давлатҳои аъзои ин Созмон бозгӯйи сиёсати сулҳпарваронаи Президенти кишвар ва масъулияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳифзи сулҳу амнияти ҷаҳонӣ мебошад. Ин иқдоми таърихӣ ба ҳифзи суботи сайёра, тарғиби фарҳанги сулҳ, пешгирии низоъҳо ва таҳкими ҳамдигарфаҳмӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ равона гардидааст.

Сарвари давлат зимни суханронӣ аз афзоиши низоъҳо дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ва талафоти ҷонии садҳо ҳазор аҳолии осоишта изҳори нигаронӣ карда, сарони кишварҳоро даъват намуданд, ки барои хотима бахшидан ба ранҷу азоби одамон дар атрофи ҳадафҳои умумӣ муттаҳид шаванд. Тибқи таҳлилҳои коршиносон, дар шароити кунунӣ беш аз 56 давлати дунё ба низоъҳои дохилӣ ва байнидавлатӣ рӯ ба рӯ ҳастанд. Ин ҳолат боиси талафоти ҷонии садҳо ҳазор шаҳрвандон гардида, миллионҳо нафари дигарро водор ба тарки маҳалли зист кардааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сиёсатмадори барҷастаи сатҳи байналмилалӣ роҳҳои асосии бартараф намудани мушкилоти ҷаҳониро таъкид карда, муттаҳидии кишварҳои ҷаҳонро барои густариши ҳамкориҳои созандаву бисёрҷониба муҳим арзёбӣ намуданд. Тавре Прездиенти кишвар қайд намуданд: «Ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад танҳо тавассути муколама ва ҳамкории созанда дар пайдо кардани роҳҳои рафъи хатарҳои муосир комёб гардад».

Суханронии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Саммити Созмони Милали Муттаҳид бори дигар таваҷҷуҳи ҷомеаи ҷаҳониро ба арзиши сулҳу субот ва оромии башарият, ҳамгирой ва ҳамкориҳои судманди кишварҳои ҷаҳон, инчунин мубориза бо таҳдиду хатарҳои замони муосир ҷалб намуд.

Ташаббуси навбатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ҷаҳонӣ дар ҳузури сарварони давлатҳои аъзои СММ аз ҷониби Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин садо дод: «Пешниҳод менамоям, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милал "Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда" қабул карда шавад». Ин пешниҳоди Сарвари давлат хусусияти ояндабинӣ ва стратегӣ дошта, ба хотири фардои босуботи ҷаҳон нигаронида шудааст.

Ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи тавассути қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид эълон намудани «Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» ба ҳифзи сайёраи бехатар, осоишта ва устувор равона гардидааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи Созмони Милали Муттаҳид метавонад дар таҳкими сулҳ дар рӯйи замин нақши муассир дошта бошад, зеро таҷрибаи сулҳи тоҷикон беназир аст. Аз ин ҷост, ки сулҳ ва зиндагии осоишта аз қадимтарин орзуҳои башарият ба шумор рафта, аз замони пайдоиши ҷомеаи инсонӣ мубориза барои таъмини сулҳ ва пешгирии низоъҳо ба яке аз масъалаҳои марказӣ табдил ёфтааст.

Ҳамин тавр, таҳкими сулҳ барои наслҳои оянда вазифаи ҳаётан муҳим буда, на танҳо кафолати амнияти инсонро таъмин мекунад, балки барои рушду таҳкими неруи инсонӣ ва пешрафту шукуфоии давлату миллат заминаи мусоид фароҳам меорад. Танҳо тавассути сулҳи пойдор метавон ба наслҳои оянда муҳити орому осоишта ва шароити зиндагии арзандаву босубот ба мерос гузошт. Таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда заминаест, ки онҳо тавонанд дар фазои орому осуда ва бидуни нигаронӣ аз ҷангу низоъҳо зиндагӣ кунанд.

**«ФИРӮЗА»**

# ТАБРИКОТИ ВАЗИРИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН САТТОРИЁН МАТЛУБАХОН АМОНЗОДА БА МУНОСИБАТИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН



**Матлубахон Сатториён**
*вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*Муҳтарам аҳли фарҳангу ҳунар,*

Аз номи ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шахсан аз номи худам, ҳамаи шумо – аҳли фарҳангу санъатро бо фарорасии ҷашни бузургу муқаддаси миллиамон – 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрику таҳният мегӯям.

Даврони соҳибистиқлолии кишвар марҳалаи камолот ва рушди ҳамаҷонибаи Тоҷикистон ба шумор рафта, боиси сарфарозию ифтихор аст, ки дар ин давра таҳти роҳнамоиву сарварӣ, сиёсати хирадмандонаву созандагӣ ва нерӯи зеҳниву пиндори некбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар Ватани азизамон ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ муҳайё гардид.

Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо шарофати тадбирҳои мушаххасу ҳадафманд ва пайгиронаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи фарҳанг ба воситаи тавонои сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ягонагӣ ва сарҷамъии ҷомеа мубаддал гашта, зимни тақвияти раванди ташаккули худшиносии миллӣ ва арзишҳои нави маънавӣ эътимоди мардумро ба оянданеки кишвар мустаҳкам намуд.

Дар ин замина, сиёсати фарҳангӣ ҳамчун яке аз фишангҳои меҳварии идеологияи миллӣ тавассути танзими мақсадноки равандҳои ҳаёти маънавӣ ва тарбияи фарҳангии шаҳрвандон амалӣ карда мешавад.

Тадбирҳои ҳадафманди Ҳукумати кишвар дар даврони соҳибистиқлолӣ собит сохтанд, ки рушди бонизоми фарҳангу санъат, эҳёи суннатҳои бостонӣ, ҳифз ва муаррифии ёдгориҳои таърихӣ дар арсаи байналмилалӣ аз самтҳои афзалиятноки давлатдорӣ мебошанд.

Дар ин марҳилаи таърихӣ, таҳкими заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули барномаҳои давлатӣ имкон дод, ки инфрасохтори соҳа ба куллӣ навсозӣ гардида, тамоми самтҳои илмию амалии фарҳангу санъат фаро гирифта шаванд.

Хусусан, таваҷҷуҳи афзалиятнок ба кашфу ҳавасмандгардонии истеъдодҳои ҷавон ба яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ мубаддал гашт. Имрӯз озмунҳои ҷумҳуриявие, ки зери сарпарастии бевоситаи Пешвои миллат баргузор мегарданд, тавонистанд садҳо ҷавони лаёқатмандро аз дурдасттарин деҳоти кишвар ба саҳнаи касбӣ ворид созанд. Ин ташаббусҳо дар рушди санъати касбӣ, таҳкими рӯҳияи ватандӯстӣ, худогоҳӣ ва ҳифзи мероси

гаронбаҳои ниёгон нақши тақдирсоз мебозанд.

Яке аз дастовардҳои муҳимтарини даврони соҳибистиқлолӣ ташаккули низоми мукаммали таҳсилоти соҳавӣ ва тавсеаи фаъолияти муассисаҳои таълимӣ маҳсуб меёбад. Шабакаи густурдаи муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбӣ, мактабҳои бачагонаи санъат ва мусиқӣ заминаи асосии тарбияи наслҳоиояндасозро ташкил медиҳанд. Ҳамзамон, раванди омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимии бонуфузи кишварҳои хориҷӣ ба роҳ монда шуд, ки ин иқдом сифати касбии санъати миллиро ба стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ сохта, барои таҳкими маҳорати баланди эҷодӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Таҳкими заминаҳои моддию техникӣ ба рушди санъати касбии театрӣ ва мусиқӣ низ такони ҷиддӣ бахшид. Таъсиси театрҳои нав, муассисаҳои консертӣ ва гурӯҳҳои ҳунарии давлатӣ имкон дод, ки санъати асили миллии мо дар сатҳи касбӣ инкишоф ёфта, дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ шоиста муаррифӣ гардад. Дар ин замина, раванди навсозии куллии инфрасохтори соҳавӣ тамоми кишварро фаро гирифта, таъмиру таҷдиди биноҳои театрҳо, филармонияҳо ва қасрҳои фарҳанг шароити фаъолияти аҳли ҳунарро ба таври назаррас беҳтар намуд.

Дар ин марҳала илми санъатшиносии тоҷик, соҳаи табъу нашр ва фаъолияти китобдорӣ ба давраи сифатан нав ворид гардиданд. Нашри асарҳои бунёдӣ, донишномаҳои соҳавӣ ва силсилаи осори гаронбаҳои адибони классику муосир дар амри худогоҳии миллӣ нақши бориз бозид. Иқдомҳои бузурги маърифатпарварӣ ва китобхонӣ, ки дар кишвар роҳандозӣ шуданд, анъанаҳои деринаи эҳтиром ба ин манбаи донишро дар ҳар як хонадони тоҷик дубора эҳё намуданд.

Дар арсаи байналмилалӣ равобити фарҳангӣ ҳамчун яке аз самтҳои калидии сиёсати хориҷии кишвар пазируфта шуд. Баргузории Рӯзҳои фарҳанги Тоҷикистон дар хориҷи кишвар ва ворид гардидани намунаҳои нодири мероси моддию ғайримоддии миллат, ҷашнҳои бостонӣ ва шаҳрҳои таърихии мо ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО гувоҳи равшани ҷойгоҳи хоси тамаддуни тоҷикон дар хазинаи фарҳанги умумибашарӣ мебошад.

Имрӯз сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайванди устувореро дар миёни ҳифзи арзишҳои миллӣ ва тамоюлҳои ҷаҳони муосир ҳамоҳанг сохта, соҳаи фарҳангро аз марҳилаи эҳё ба давраи рушди пайваста ворид сохт.

Афзоиш ёфтани маблағгузории соҳа, бунёду таҷдиди иншооти муҳташами фарҳангӣ дар саросари мамлакат ва беҳтар гардидани шароити иҷтимоии кормандон шаҳодати он аст, ки роҳбарияти олии кишвар фарҳангро ҳамчун рукни маънавии давлатдорӣ ҳамеша зери таваҷҷуҳ ва ғамхории махсус қарор медиҳад.

Симои шаҳру деҳоти Тоҷикистон низ ба куллӣ тағйир ёфта, дар тамоми минтақаҳои мамлакат муассисаҳои муосири фарҳангӣ бунёд гардиданд, ки ин падида рамзи шукӯҳи фарҳанги миллии мо дар остонаи ин ҷашни бузург мебошад. Бо итминон метавон иброз намуд, ки инфрасохтори муқтадири бунёдгардида ва нерӯи эҷодии тарбияёфта заминаҳои боэътимоде мебошанд, ки фарҳанги тоҷикро дар оянда низ ҳамчун василаи асосии муаррифии давлати соҳибихтиёри мо дар арсаи байналмилалӣ ҳифз хоҳанд кард.

Дар ин давраи тақдирсоз, ҳифзи симои маънавии миллат, тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстиву худогоҳӣ ва муаррифии шоистаи тамаддуни куҳанбунёди мо дар арсаи байналмилалӣ рисолати ҳар як корманди соҳаи фарҳангу санъат маҳсуб меёбад.

Итминон дорам, ки аҳли фарҳанг ва ҳунари кишвар бо дарки амиқи ин масъулияти таърихӣ, минбаъд низ дар роҳи таҳкими пояҳои маънавии давлатдории миллӣ ва татбиқи сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзишманди худро мегузоранд.

Дар ин рӯзи саид ба шумо — аҳли фарҳангу санъат, тансиҳативу хотирҷамъӣ, иқболи баланду толеи нек ва дар фаъолияти пурсамаратон ба манфиати ҷомеа ва баҳри гулгулшукуфии кишвари азизамон пешрафту комёбиҳо таманно менамоям.

*Бигзор, дар осмони софи давлати соҳибистиқлоли мо ҳамеша хуршеди сулҳу ваҳдат дурахшон бошад!*

*Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муборак бошад!*

# НУРУ ШУКӮҲИ ИСТИҚЛОЛ

**Истиқлоли давлатӣ баҳри ҳар як халқу миллате, ки ба ҳастии имрӯзаву ояндаи худ арҷ мегузорад, кӯшиши баробари замон қадам задан мекунад, давлаташро як ҷузъи ҷудонопазири сайёраи одамизод, тамаддуни муосири башарият медонад, чун обу ҳаво ва мавҷудияти офтоб, ки бидуни он зиндагӣ дар рӯйи замин вуҷуд нахоҳад дошт, зарур мебошад. Аз ин рӯ, халқи тоҷик вазифадор аст истиқлоли миллиашро, ки бо шикасту рехти зиёд ба даст омадаву бинобар сиёсати оқилонаву дурандешона, иқдому талошҳои пайдарпайу пурсамари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳила ба марҳила ташаккул ёфтаву қавӣ гардидааст, мисли гавҳараки чашм, неъмати нодиру бебаҳо, ҳамчун арзиши волову нотакрор ҳифз намояд.**



**Абдуғаффор Абдуҷаббор**
*Нависандаи халқии Тоҷикистон*

Сарзамини куҳанбунёду таърихии тоҷикон, ки дар даврони Истиқлол ба шарофати зуҳури барҷастаи иродаи инсониву сиёсию иҷтимоии Пешвои муаззами миллат ба дарёфти фазои ҳаёти осудаву осоишта мушарраф гашта, саропо боғу бӯстони сарсабзу хуррамро мемонаду сокинони сарбаланду саодатмандаш шарафмандона, саршори орзуву умедҳои нек ба фардои боз ҳам дурахшандатар умр ба сар мебаранд, бесаброна санаи мубораки ҷашни муқаддасу фараҳафзоро интизор аст. Тамоми Тоҷикистон, ки баҳри пешвози Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ омодагии комил гирифтааст, руҳияи шодиангези идона дорад. Ин ҷашн барои халқи тоҷик ва ҷумҳурии соҳибистиқлол ҷашни марҳилавӣ маҳсуб меёбад ва баҳри пешрафти минбаъдаи ҷомеаи Тоҷикистон заминаҳои ниҳоят муҳимро ба миён меоварад.

Ин диёри ҳар ваҷаб заминаш ҳосилхезу пурбаракат саросар ба майдони бузурги нопайдоканори корзор мубаддал шуда, зимни дастуру ҳидоятҳои роҳбари давлат ҳазорон иншооти гуногун қомат афрохтаанд, баҳри насли наврас паси ҳам мактабу литсею гимназияҳои замонавӣ, қасрҳои фарҳанг бунёд шудаанд, ки онҳо, фарзандони замони истиқлол хубу аъло таҳсил намуда, солиму солеҳ, донову ватандӯст камол ёбанд, ҳазорон фарсах роҳи наву обод, нақбу пулҳои боҳашамат, неругоҳҳои барқии обии хурду калон мавриди истифода қарор мегиранд, то ки иқтисодиёти мамлакат бемайлон пеш равад, боғу гулгашт, хиёбонҳои нав, биноҳои зебову назаррабои фарҳангиву иҷтимоиву варзишӣ муҳити шаҳру ноҳияҳоро зеб бахшида, симои меъмории онҳоро такмил медиҳанд, бад – ин васила, руҳи мардум тағйир ва эҳсоси зебоишиносиаш ташаккул меёбанд.

Дар ин радиф, бешубҳа, бунёди НБО-и Роғун, ки кашфу эҳёяш бевосита ба номи мубораки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба таври ногусастанӣ пайванд аст, мақому мартабаи хоса дорад. Тибқи нақша соли оянда агрегати сеюми ин неругоҳи бузургу камназир бояд ба ҳаракат дарояд ва ин бобати таъмини истиқлоли энергетикии мамлакат боз як қадами қатъӣ гузошта мешавад. Беҳуда нест, ки қаҳрамонии сохтмончиёни нерӯгоҳро адибони тоҷик дар як силсила мақолаву очерк, ҳикояву повест ва романҳои бадеияшон бо меҳру эҳтиром васф намудаанд.

Наслҳои мухталифи мардум барвақт пай бурдаанд, ки рушди пайвастаи соҳаи маориф рукну заминаи муҳимтарини зиндагии миллати тамад-

дунбунёд дар сиёсати Пешвои маҳбуби тоҷикон афзалияти доимӣ дошту дорад. Моҳи сентябр соли ҷорӣ дар минтақаҳои мухталифи Тоҷикистон беш аз 4000 ҳазор мактаб 2 миллиону 280 ҳазор талабаву толиба, қариб панҷоҳ мактаби олӣ наздики 215 ҳазор донишҷӯро ба таҳсил фаро мегиранд. Алҳол дар муассисаҳои таълимии 42 мамлакати дунё беш аз 40 ҳазор нафар донишҷӯи тоҷик зимни дастгирии ҳамаҷонибаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шавқу завқи том илм меомӯзанд. Таърихи маорифи мо ин гуна имконияти густурдаи интихоби пешаро барои ҷавонони замони соҳибихтиёрӣ ёд надорад, иқдомоти мазкур, ки аз ҳидоятҳои Пешвои миллат бармеоянд, бесобиқа эътироф шудаанд. Аз ин рӯ, насиҳати бамавриду падаронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: "хонед, илм омӯзед, забонҳои хориҷиро азхуд намоед, аз пешравиҳои илму техника, фанҳои дақиқ, технологияҳои нав бархурдор бошед, чун кадри ба замони истиқлол ҷавобгӯ камол ёбед, ба Ватани азизу маҳбуби худ хизмат кунед", ки борҳо ғамхоронаву дилсӯзона, бо муҳаббат ба халқи хеш садо додааст, бояд,ки сармашқи зиндагиву таҳсили ҷавонони лаёқатманду баистеъдод бошад, пайваста бояд, ки дар баногӯши ҷавонписарону духтарон танин ангезад.

Тайи понздаҳ-бист соли охир, боз ҳам зимни пешниҳоди басо дурандешонаи сарвари давлат, талаботи асноди расмии дар ин бобат пазируфташуда ба ҳаёти занону духтарони тоҷик такони бениҳоят ҷиддӣ бахшид. Онҳоро гӯё аз хоби гарон, аз гирдоби ғафлат бедор кард, то фаъол бишаванду рисолати худро бишиносанд, мақоми арзандаашонро дар чаҳорсӯи ҳаёт пайдо кунанд. Маҳсули гуворои он талошу эътимод ба қудрати руҳонии занону духтарони тоҷик аст, ки онҳо имрӯз ба сифати сиёсатмадор, намояндаи халқ дар парламенти кишвар, роҳбари вазорату идораҳо, муассисаҳои олии таълимӣ, масъули зинаҳои гуногуни ҳукуматҳо, сарварони маориф, соҳаи тандурустӣ – сиҳатии оммаву фарҳанги миллӣ, соҳибкорони муваффақ ва ғайра самтҳо сарбаландона бо камоли масъулият бобати пешрафти ҷомеаи муосир хизмат мекунанд. Бинобар таъкидҳои Пешвои муаззами миллат, ин раванд дар оянда ҳам пайваста ривоҷу равнақ меёбад ва мақоми Зан-Модар аз пештара дида, бештар шукӯҳу шаҳомати хоса ба даст меорад.

Ба фаъолият пардохтани Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, китобхонаву осорхона дар шаҳру ноҳияҳо барои камолоти инсонӣ, худогоҳию худшиносии табақаҳои гуногуни ҷомеаи имрӯза заминаҳои бағоят қавӣ ба вуҷуд овардаанд. Назари одамон ба ояндаи хеш, дарки маънои саҳифаҳои гузаштаи таърих, падидаҳои гуворои айёми Истиқлол комилан дигар гашта, оҳанги мусбат пайдо кардааст, ҳисси ифтихор аз корнамоиву бозёфтҳои илмиву адабии ниёгон ба маротиб афзудааст. Сулҳ, ваҳдат, ҳамбастагиву рафоқат, созандагиву бунёдкорӣ – ин мафҳумҳо ҳамеша вирди забони мардуми шарифи Тоҷикистонанд.

Инро мо бидуни муболиға дар ҷараёни озмунҳои ҷумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доной китоб аст", "Тоҷикистон – Ватани азизи ман", "Илм – фурӯғи маърифат", "Шоҳномахонӣ", "Беҳтарин донандаи асарҳои Пешвои миллат" ва амсоли инҳо рӯшан мушоҳида мекунем. Зеро ба шарофати ин озмунҳо сатҳи донишомӯзӣ, муҳаббат ба китоб, ҷаҳонбиниву одаму оламшиносӣ, шинохти қадри ҳунару истеъдод, меҳанпарастӣ, амиқ донистани таърихи гузаштаи миллат, комёбиҳои камназари айёми Истиқлол хеле мушаххас ба чашм мерасанд.

Сатрҳои мазкур ҷиҳати дарки он дигаргуниҳои куллии иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангиву маънавие, ки дар зиндагии воқеиву зеҳну шуури мардум ба вуқуъ пайвастаанд, ба сони қатрае аз баҳр аст. Ва бидуни баҳс зикр менамоем, ки ин ҳама симои замони Истиқлоли Тоҷикистонро бағоят пуршукӯҳ пеши назар меорад. Ва ин ҳама ободиву бунёдкориҳо ба он боис шуда, ки эътимоду бовари халқ ба давлат қавӣ гашта, муҳаббати самимиву бепоёнаш ба шахсияти нодири таърихӣ, абармарди сиёсат, ки бо азму ҷазми сулҳофаринии беамсоли худ, бо силсилаи ташаббусҳои баҳри ҷаҳониён арзишманду аҳаммиятнок обрӯву эътибори байналмилалӣ пайдо кардаанд, ҳадду канор надорад. Даҳ-дувоздаҳ сол муқаддам дар пйесаи "Назаркарда" доир ба фаъолияти беназири сулҳофарии Пешвои миллат ва дар мақолаи дигарам маънии зеринро зикр карда будам: "Ба шарофати сулҳи деринтизор, ниҳоят Тоҷикистон, халқ ба Президент ва Президент ба халқу Тоҷикистон пайвастанд. Он пайванд, замонаҳо дертар собит сохта, ки пайванди якумрист!" Имрӯз ҳам боэътимод метавон гуфт, ки муҳаббати софу беолоиш ба Пешвои миллат рамзи муҳаббат ва садоқат ба Ватану сарзамини аҷдодӣ аст.

Аз ин рӯ, бешак, солҳост, ки ба ҳукми анъанаи наҷибу руҳафзо даромадаву сокинони меҳнатқарини шаҳру ноҳияҳо, мавзеъҳои дурдасттарини мамлакатамон бесаброна, бо ҳаяҷону шодмонӣ, умеду орзуҳо ташрифи Ҷаноби Олӣ, Пешвои маҳбуби миллатро ба диёрашон интизор меистанд. Зеро аниқ медонанд: ба ҳар куҷое, ки қадами мубораки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон расид, он ҷо обод мешавад, гул-гул мешукуфад, рӯҳи мардум аз ҳафт то ҳафтодсола меболад ва аз дидорашон ториршту ақли ҳар нафарро эҳсоси ифтихор аз Ватани маҳбуб фаро мегирад.

# КИТОБ ВА ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ

**Дар таҷрибаи давлатҳои мутамаддин китоб на танҳо маҳсули фаъолияти эҷодӣ ё воситаи интиқоли дониш, балки яке аз муҳимтарин нишонаҳои сатҳи рушди тамаддун, сармояи инсонӣ ва фарҳанги миллӣ маҳсуб меёбад. Таърихи башарият гувоҳ аст, ки ҳар миллате, ки китобро арҷ гузоштааст, тавонистааст мероси маънавии худро ҳифз намояд, ҳувияти миллиро таҳким бахшад ва пояҳои давлатдории худро устувор созад.**



**Иброҳим Аҳмад**,
*сардори Раёсати табъу нашр ва матбуоти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Миллати тоҷик аз қадим ҳамчун миллати китобдору китобпарвар шинохта шудааст. Осори безаволи Абуабдулло Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Абуали ибни Сино, Носири Хусрав, Ҷалолиддини Балхӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва садҳо мутафаккири дигар, маҳз, тавассути китоб то рӯзгори мо расида, миллати тоҷикро ҳамчун яке аз соҳибони тамаддуни бузурги хаттӣ муаррифӣ намудааст. Аз ин рӯ, ҳифзу рушди анъанаҳои носирӣ ва тарғиби фарҳанги мутолиа танҳо вазифаи як соҳаи фарҳанг нест, балки масъалаи муҳимми давлатдорӣ ва ҳифзи ҳастии маънавии миллат мебошад.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои эҳёи арзишҳои миллӣ ва ташаккули сиёсати мустақили фарҳангӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Дар шароити нави давлатдорӣ китоб, табъу нашр ва матбуот ҳамчун воситаи муҳимми таҳкими худшиносии миллӣ, ҳифзи забони давлатӣ, рушди маърифати ҷомеа ва таъмини амнияти фарҳангиву иттилоотӣ мавқеи нав касб намуданд.

Гарчанде солҳои аввали Истиқлол бо мушкилоти вазнини иқтисодӣ, фурӯпошии низоми ягонаи таъминоти полиграфӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ҳамзамон буданд, давлат тавонист иқтидори асосии муассисаҳои нашрӣ ва полиграфиро нигоҳ дошта, барои рушди минбаъдаи онҳо замина гузорад.

Марҳилаи воқеии эҳёи соҳа бо барқарор гардидани сулҳу субот ва татбиқи сиёсати фарҳангпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оғоз гардид. Маҳз, дар ҳамин давра китоб аз доираи як маҳсулоти фарҳангӣ берун рафта, ба рукни муҳимми сиёсати давлатӣ ва омили таҳкими давлатдории миллӣ табдил ёфт. Рушди китобдорӣ, фаъолияти нашрӣ, эҳёи мероси хаттӣ, ҳифзи забони давлатӣ, дастгирии адибон ва тарғиби фарҳанги мутолиа ба самтҳои муҳимми сиёсати фарҳангии мамлакат мубаддал гардиданд.

Пешвои миллат пайваста нақши китобро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ ва рушди тафаккури инсон таъкид менамоянд. Ин андеша, дар асл, фалсафаи сиёсати фарҳангии Тоҷикистони соҳибистиқлолро таҷассум менамояд, зеро ҷомеаи донишбунёд бидуни китоб ва мутолиа ташаккул намеёбад.

Таҳлили сию панҷ соли Истиқлоли давлатӣ нишон медиҳад, ки рушди соҳаи табъу нашр ва матбуот самараи сиёсати ҳадафмандонаи давлат мебошад. Қабули Конститутсия, ташаккули заминаи ҳуқуқӣ, қонунҳои соҳавӣ, барномаҳои давлатӣ, рушди барсохтори нашрӣ, навсозии иқтидори полиграфӣ ва дастгирии нашри адабиёти миллӣ соҳаи табъу нашрро ба марҳилаи нави рушд ворид намуданд.

Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи табъу нашр», «Дар бораи фарҳанг», «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он», «Дар бораи иттилоот» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои рушди фаъолияти нашрӣ заминаи мусоид фароҳам оварданд.

Самараи ин сиёсат имрӯз дар нишондиҳандаҳои воқеии соҳа инъикос меёбад. Агар дар даврони шуравӣ ҳамагӣ 67 рӯзнома фаъолият мекард, имрӯз шумораи онҳо ба 399 адад расидааст. Теъдоди маҷаллаҳо ба 199, муассисаҳои нашриявӣ ба 13 ва матбааҳо ба 100 адад расида, бахши хусусӣ ба яке аз неруҳои муҳимми рушди хизматрасониҳои полиграфӣ табдил ёфтааст.

Марҳилаи нави рушди соҳа бо қабули Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 оғоз гардид. Барномаи мазкур барои навсозии иқтидори техникӣ, рақамикунонии равандҳои истеҳсолӣ, баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти полиграфӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон беш аз 29 миллион сомонӣ маблағ пешбинӣ намудааст.

Дар баробари ин, нашриётҳои «Адиб», «Ирфон», «Энсиклопедияи миллии тоҷик» ва «Адабиёти бачагона» рисолати муҳимми худро дар нашри осори илмӣ, адабӣ ва фарҳангии миллат идома медиҳанд. Танҳо дар солҳои 2015-2025 аз ҷониби муассисаҳои табъу нашри тобеи Вазорати фарҳанг 907 номгӯй китоб бо теъдоди зиёда аз 4 миллион нусха ба табъ расидааст.

Яке аз иқдомҳои бесобиқаи даврони соҳибистиқлолӣ нашри оммавии асари академик Бобоҷон Ғафуров - «Тоҷикон» мебошад. Ин китоб бо ташаббуси Сарвари давлат бо теъдоди 1 миллиону 500 ҳазор нусха ба табъ расида, ба ҳар як оилаи мамлакат ройгон тақдим гардид. Ин иқдом аз лиҳози ҳаҷми нашр ва аҳаммияти сиёсиву маънавӣ дар таърихи табъу нашри Тоҷикистон бесобиқа мебошад.

Дар идомаи ҳамин сиёсат, ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ бо теъдоди рекордии 1 миллиону 700 ҳазор нусха дар ду ҷилд чоп гардида, ба ҳар як хонадони мамлакат туҳфа карда шуд. «Шоҳнома» рамзи ҳувияти фарҳангӣ, китоби ҳикмат, ватандӯстӣ ва худогоҳии миллӣ мебошад. Тақдими он ба ҳар як оилаи тоҷик дар асл сармоягузорӣ ба маърифати миллӣ ва тарбияи насли ҷавон аст.

Татбиқи силсилаи панҷоҳҷилдаи «Ахтарони адаб» низ аз рӯйдодҳои муҳимми таърихи нашрии кишвар гардид. Ин силсила осори беҳтарини намояндагони адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикро фаро гирифта, барои омӯзиши мероси гаронбаҳои адабӣ, махсусан барои ҷавонон, муҳаққиқон ва омӯзгорон имконияти мусоид фароҳам овард.

Яке аз дастовардҳои муҳимми сиёсати давлатии рушди фарҳанги мутолиа роҳандозии Озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» мебошад. Озмун аз соли 2019 бо ибтикори Пешвои миллат баргузор гардида, имрӯз ба яке аз бузургтарин ҳаракатҳои фарҳангии кишвар табдил ёфтааст. Ҳадафи он танҳо муайян намудани ғолибон нест, балки эҳёи анъанаи китобхонӣ, таҳкими робитаи ҷомеа бо китоб ва ташаккули муҳити нави маърифатӣ мебошад.

Ҳамзамон, бо мақсади дастрас намудани китоб ба аҳолӣ, махсусан сокинони шаҳру ноҳияҳои дурдаст, Вазорати фарҳанг аз соли 2007 ташаббуси «Корвони китоб»-ро роҳандозӣ намудааст. Дар доираи он ҳазорҳо нусха китобҳои тозанашр ба китобхонаҳои шаҳру ноҳияҳои мамлакат дастрас карда мешаванд.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муаррифии китоби тоҷик дар арсаи байналмилалӣ аҳаммияти бештар касб менамояд. Намоишгоҳи байналмилалии «Китоби Душанбе» ба минбари муҳимми муколамаи фарҳангҳо, мубодилаи таҷрибаи касбӣ ва густариши






ҳамкориҳои байналмилалӣ табдил ёфтааст. Иштироки мунтазами нашриётҳои тоҷик дар намоишгоҳҳои Чин, Россия, Беларус, Эрон, Узбекистон, Қазоқистон, Туркия, Озарбойҷон ва дигар кишварҳо низ барои муаррифии адабиёт ва маҳсулоти ношири Тоҷикистон имкониятҳои нав фароҳам овардааст.

Нишонаи дигари эътирофи байналмилалӣ дастовардҳои Тоҷикистон дар Озмуни байналмилалии «Санъати китоб» мебошанд. 23 июли соли 2026 нашри дуҷилдаи «Шоҳнома»-и Ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ дар шаҳри Минск сазовори Шоҳҷоиза гардид. Соли 2024 низ «Қонуни тиб»-и Абуалӣ ибни Сино Шоҳҷоизаро соҳиб гардида, соли 2025 китоби «Мероси Имоми Аъзам ва гуфтугӯйи тамаддунҳо» ҷойи аввалро ба даст овард.

Ин дастовардҳо собит месозанд, ки китоби тоҷик аз нигоҳи мазмун, таҳрири илмӣ, тарроҳӣ ва сифати полиграфӣ ба сатҳи рақобати байналмилалӣ расидааст.

Бо итминон метавон гуфт, ки имрӯз соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз марҳилаи барқарорсозӣ ба марҳилаи рушди устувор, навсозии технологӣ ва эътирофи байналмилалӣ ворид гардидааст. Китоб акнун на танҳо яке аз бахшҳои муҳимми фарҳанг, балки омили таҳкими давлатдории миллӣ, рушди ҷомеаи донишбунёд ва василаи муаррифии тамаддуни тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мебошад.

Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи китоб, таҳкими фаъолияти ноширӣ ва тарбияи ҷомеаи китобхон бояд ҳамчун яке аз вазифаҳои муҳимми стратегии давлат ва ҷомеа боқӣ монад.

# ҲЕҶ НЕЪМАТ БЕҲТАР ЗИ ИСТИҚЛОЛ НЕСТ



**Зайнура Азимӣ**
*муовини раиси вилояти Суғд*

Тоҷикистон!

Кишваре, ки Сарвари муаззамаш ифодагари бузурги хештаншиносии миллист. Ҳар ифтихоре, ки тоҷикон доранд, дар сиришт, гуфтор, рафтор ва пиндори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷилва омадааст. Роҳбари хирадманди мо пайваста таъкид менамоянд, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ вазифаи муҳимтарини ҳар як давлат пос доштани асолати миллӣ, забон, фарҳанг ва арзишҳои таърихӣ мебошад. Ҳар як сухан, ҳар як навишта, ҳар як китоби Президенти дурандешу номвари кишвар ангезаи ифтихори миллии тоҷикон ва тоҷикистониён аст.

Тоҷикистон!

Ватане, ки бо меҳру муҳаббат, вафодорию садоқат, дӯстдориву самимияти фарзандонаш пеши оламиён машҳур гардидааст. Марзу буми ин Ватан тулонӣ нест, аммо дар назари фарзандонаш бузург аст.

Ватанро хурд намешуморанд. Ватан аз торҳои меҳр, аз хишти муҳаббат, аз неруи бузурги матонату садоқати шаҳрвандонаш сохта мешавад. Ватанро эҳсоси худшиносӣ, пос доштани забон, таърих ва анъанаҳо, ҷасорату фидокории фарзандонаш ба оламу одам ошно мегардонад. Дар Ватан будан, бо ёди Ватан зистан, бо ҳамватан ҳамдилу якҷон будан нишонаҳои хушбахтии инсонҳост.

Тоҷикистон!

Кишваре, ки нурҳои хуршеди истиқлолаш шоҳроҳи имрӯзу фардои зодагонашро равшан мекунад. Ҳеҷ неъмат беҳ аз Истиқлол нест.

Истиқлоле, ки арзандаи шукргузорию ифтихор аст. Давлати соҳибистиқлол доштан ормони волои ҳар қавму миллат аст. Имрӯз дар ҷаҳон кам нестанд қавмҳое, ки давлати миллӣ надоранд ва ё тамоми умр барои истиқлоли хеш мубориза мебаранд. Тоҷикони фархундафол 9 сентябри соли 1991 дубора тоҷи давлатдории хешро ба даст оварданд ва онро монанди гавҳари чашмонашон, нури дидагонашон, чун дуои модар ва панди падар азизу гиромӣ медоранд.

Тоҷикистон!

Хонаи меҳр, даргоҳи нуру офтоб, хиттаи файз ва гулбоғи накуиҳост. Ҳар субҳи наве шаршараи нур ба дарёҳо меомезад, балки офтоб бо обҳои рӯдборони Тоҷикистон чеҳра мешӯяд, сипас, ба одаму олам салом мегӯяд. Ин ҷо дарёҳо офтоб меофаринанд, офтоби Норак, офтоби Роғун, офтоби Сангтӯда, офтоби Бойғозӣ. Ин ҷо дарёҳо шабҳоро монанди рӯз нуронӣ мекунанд. Ин ҷо рӯдҳо дар заминҳои зархези водиҳо, ёлаю кӯҳҳо ризқу рӯзии фаровон ва бахту иқболи сафед меофаранд.

Тоҷикистон!

Кишваре, ки саросар баҳористону гулистон, файзбахшу фараҳбахш аст, меваҳои шаҳдбораш лаззати нотакрор доранд, водиҳои сарсабзу кӯҳҳои сарбаландаш ба дилҳо завқу сурур, шодию ҳаловат эҳдо мекунанд. Вақте тоҷике меҳмони давлатҳои дигар мешавад, мизбонон ба шодию дилнавозӣ арза медоранд, ки ӯ аз биҳишти заминӣ омадааст ва гиромиаш медоранд.

Тоҷикистон!

Кишваре, ки фарзандони фарзонааш бо ақлу завқу қадаму қалами худ ҳонаҳо ва роҳи дилҳоро наздиктар кардаанд ва дар ҳар кишваре порае аз Тоҷикистон сохтаанд.

Тоҷикистон!

Кишваре, ки шаҳрванди он будан бахту иқболи баланд ва ҳадяи беназири тақдир аст. Вақте ба ҷаҳон омадем, моро ин Модар ва ин Ватан ба оғӯши гарму нарми худ гирифтанд.  Шиносномае, ки Тоҷикистон ба мо додааст, худ як мояи ифтихору хушбахтист. Тирамоҳи соли 2019 зодаи Тоҷикистон, овозхони номвар Олег Фезов, ки зиёда аз бист сол аст, дар кишвари Олмон зиндагӣ дорад, ба Душанбе омад ва шиносносномаи нав гирифт. Мақомдорони Олмон борҳо ӯро огоҳ кардаанд, ки шаҳрванди он давлат шавад, аммо Олег Фезов напазируфтааст. Ӯ гуфтааст, ки дар тамоми дунё Ватани ман Тоҷикистон аст ва ман шаҳрванди ҳеҷ кишвари дигаре нахоҳам шуд, забони давлатии ман тоҷикист ва ман онро бо ҳеҷ забони дигари олам иваз нахоҳам кард.

Тоҷикистон!

Кишваре, ки номи шаҳру рустоҳояш паёми ободист. Дар ҳар гӯшаву канор деҳаҳое бо номҳои Навобод, Гулобод, Меҳробод, Хуррамобод, Раҳмонобод, Тоҷикобод ҳастанд ва ин ободиҳо гувоҳи шукӯҳу фараҳу ҳашамати тоҷикона аст. Яъне, тоҷикон ҳамеша дар андешаи сохтанҳо, обод карданҳо буданду ҳастанд. Тоҷикон бунёдгузорони куҳантарин шаҳрҳои ҷаҳонанд, тоҷикон аз нахустин қавмҳои шаҳрнишин будаанд, тоҷикон фарҳанги шаҳрнишиниро ба дигар қавмҳои олам омӯхтаанд. Аз саҳифаҳои шаҳри Саразми бостонӣ, аз саҳифаҳои нахустини таърихи тоҷикон бармеояд, ки фарҳанги кишоварзӣ, шаҳрсозӣ ва ҳунармандӣ дар сарзамини мо ташаккул ёфтааст.

Тоҷикистон!

Кишваре, ки асрҳои аср аҷнабиён, қавмҳои кӯчӣ ва саҳронишин сӯяш бо ҳирсу ҳасаду ҳавас чашм дӯхтаанд. Ва гоҳе аз берунҳо лашкарҳое бо нияти ғоратгарӣ, тасарруф ва ғасби китобу молу дороӣ қадами номуборак ба шаҳрҳову деҳаҳои тоҷикон ниҳодаанд, китоби сарнавишти чандин наслҳоро оташ зада, ба рӯйи нигораҳои нодир хат кашидаанд, пайкараҳои беназирро бераҳмона шикастаанд. Аммо дар миёни ин ҳама лашкаркашиҳо, набардҳо, тохтутозҳо, тороҷгариҳо ва харобкориҳо тоҷикон беҳтарин гавҳари ганҷинаи ҳастии худ – забони тоҷикиро ҳифз карданду гиромӣ доштанд. Барои исботи даъво аз сайёҳатномаи кишваркушои асри ҳаждаҳуми рус А. Миддендорф иқтибос меорам: «Тоҷикон, то он ҷойе, ки ба ман равшан аст, дар сайёраи мо тимсоли ягонаи муборизаи сангин барои ҳаёт мебошанд, ки бо вуҷуди муқобилияти алайҳашон давоми садсолаҳо идома ёфта, барои худ роҳ кушода тавонистанд. Аз рӯйи бунёд сохти сари тоҷик баёнгари олитаборӣ ва хиради ӯст: дар бораи истеъдоди модарзодии руҳонии ӯ низ ҳаминро гуфтан лозим аст».

Тоҷикистон!

Кишваре, ки парвардагонаш қаҳрамонона зистаанд. Вақте ки дар бораи мафҳуми қаҳрамонӣ андеша мекунем, беихтиёр номҳои Шерак, Спитамен, Деваштич, Сумбоди Муғ, Муқаннаъ, Темурмалик ва дигар фарзандони диловари халқи тоҷик ба хотир мерасад. Корномаҳои ин шахсон барои мо оинаи ибрат ва шоистаи пайравист. Дар давраҳои вазнини таърих, дар майдони ҷангу ҷидолҳо, мубориза барои озодӣ онҳо ҷони худро сипар карданд, бар зидди аҷнабиён мардонавор ҷангиданд, лашкари душманро шикаст доданд, барои манфиатҳои олии давлату миллат талош варзиданд.

Зиндагиномаи қаҳрамонони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Шириншоҳ Шоҳтемур, Нусратулло Махсум барои имрӯзиён ва фардоиён дабистони бузургест, ки наслҳо аз он сабақи ватандӯстӣ меомӯзанд.

Бобоёну падарони мо дар ҳар асру замоне ҳамчун фарзандони вафодори модару Ватан кору зиндагӣ кардаанд.

Тоҷикистон!

Кишваре, ки мардумаш монанди кӯҳҳояш сахтҷонанд, устуворанд, сарфарозанд.

Мо қавми ҷаҳонсозем, даст ба дасти ҳам медиҳем, қадамҳои устувор ба шоҳроҳи оянда мегузорем, намехоҳем, як хиште ҳам аз кохи орзуву ормони миллии мо беҷо шавад.

Мо аз табори озодагон ва мардуми озода ҳастем.

Тоҷикистон!

Кишваре, ки ба бовари ман, бузургтар аз ҳама кишварҳои дунёст. Зеро, фарҳанг, маънавиёт, таърихи ҷаҳонгир дорад. Зеро фарзандонаш ба ҳар куҷое, ки рафтанд, ҳамроҳи худ сарводаю сухан бурданд, фарҳангу адаб бурданд, китобу хомаву дафтар бурданд. Дар тамоми давраҳои таърих боре ҳам нашуда, ки тоҷикон ба хоки дигарон бо тиру камон, теғу шамшер қадам ниҳода бошанд. Дастовези тоҷикон меҳр асту муҳаббат, нур асту гармӣ, нон асту намак.

Дар ҳар гӯшаи олам забони тоҷикӣ садо медиҳад, дар ҳар куҷо номи Рӯдакии тоҷикнажод шунида мешавад, дар ҳар мулке тоҷикистонӣ ишқи Суғду Зарафшону Хатлону Бадахшон мепарварад, он ҷо як гӯшаи Тоҷикистон аст.



# ИСТИҚЛОЛ ВА РУШДИ ВМКБ

**Истиқлол неъмати бебаҳо аст ва на ҳар халқи сайёраи Замин онро соҳиб мебошад. Ин падидаи муҳим ормони аҷдодии миллати мо буда, барои расидан ба давлатдории навин, соҳибихтиёрии комил ва ваҳдати миллӣ дар тули ҳазорсолаҳо иродаи матин, ҷасорату далерӣ, талошҳои бемисл ва худфидоии фарзонафарзандони миллат зарур омад.**



**Муслима Авзалшо**
*муовини раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон*

Имрӯз Тоҷикистони азизи моро ҷомеаи ҷаҳон бо иқдому ташаббусҳои пайгиронаи оламшумулаш мешиносад ва аҳаммияти онҳоро возеҳ дарк намуда, мепазирад. Ҳамаи ин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ аз заҳматҳои шабонарӯзӣ ва хастанопазири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маншаъ гирифта, самараи пурбор дода истодаанд.

Дар баробари ташаббусҳои ҷаҳоншумули Роҳбари давлат дар самти обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо, 25 июни соли равон Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид бо пешниҳоди Пешвои миллат Қатъномаи «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда»-ро қабул намуд. Тибқи ин санад, солҳои 2027–2036 ҳамчун Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда эълон гардиданд. Ҳадафи он таҳкими сулҳ, ташвиқи муколама ва мусолиҳа, дастгирии ҳамбастагии байни наслҳо ва ба назар гирифтани ниёзҳои наслҳои оянда дар равандҳои қабули қарорҳо мебошад.

Сулҳоварӣ фарҳанги бунёдии миллати тоҷик буда, маҳз, дар заминаи татбиқи он ҷомеаи ҷаҳонӣ метавонад ояндаи неки наслҳои худро таъмин намуда, инсониятро аз ҷангу мухолифат, хавфу хатар ва буҳронҳои шадиди байналмилалӣ эмин нигоҳ дорад. Эъломияе, ки Созмони Милали Муттаҳид соли 1998 дар 53-юмин Ассамблеяи худ бахшида ба эълон намудани соли 2000 ҳамчун соли «Фарҳанги сулҳ» қабул карда буд, низ сулҳро эҳтиром ба ҳаёт ва ҳуқуқҳои инсон арзёбӣ намуда буд.

Инак, баъди чандин сол ташаббуси навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки ба талаботи рӯз ва давр ҷавобгӯ мебошад, аз ҷониби давлатҳои ҷаҳон пазируфта шуд. Албатта, худи фарҳанг пойдевори миллату давлат аст ва агар аҳаммияти калидии он дар саросари ҷаҳон дарк гардад, ба манфиати тамоми башарият хоҳад буд.

Давоми 35 соли соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар ҷодаи фарҳангу маънавиёт низ ба дастовардҳои назаррас ноил гардидем. Мақоми байналмилалӣ гирифтани Ҷашни Наврӯз, ба Феҳристи мероси ғайримоддии башарият ворид гардидани Ҷашни Сада ва муаррифии «Рубоб», «Фалак», «Шашмақом», либоси «Чакан», «Оши палов» ва дигар намунаҳои фарҳанги миллӣ аз ҷумлаи чунин дастовардҳоянд.

Самараи солҳои соҳибистиқлолӣ аст, ки арзишҳои дорои аҳаммияти таърихию фарҳангӣ ба Феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, қалъаҳо, шаҳрҳои бостонӣ, петроглифҳо, корезҳо, дайру маъбадҳо ва дигар ёдгориҳо мавриди ҳифзу муаррифӣ қарор гирифтаанд. Қалъаи Ямчун, Дижи Қаққаҳа, ёдгориҳои водии Вахон, петроглифҳои Лангаркишти ноҳияи Ишкошим, гузаргоҳи «Вахон» ва дигар ёдгориҳои ВМКБ аз ҷумлаи ин мероси таърихию фарҳангӣ мебошанд.

Бунёду азнавсозии қасру хонаҳои фарҳангӣ,

Боғи миллии Тоҷикистон дар ҳудуди шаҳри Хоруғ, ноҳияҳои Мурғоб, Шуғнон, Рӯшон, Ванҷ ва даҳҳо иншооти дигар далели таваҷҷуҳи пайваста ба соҳа мебошанд.

Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ Театри вилоятии мусиқию мазҳакавии ба номи Меҳрубон Назаров дар маркази маъмурии ВМКБ – шаҳри Хоруғ бо иқдоми бевоситаи Роҳбари давлат мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Имрӯз ин боргоҳи фарҳангу маънавиёт дар камолоти маънавии сокинони вилоят нақши муҳим дошта, дар он пайваста чорабиниҳои фарҳангию маърифатӣ баргузор мешаванд.

Агар ҳамаи дастгириҳои соҳаи фарҳангро дар як вилоят номбар кунем, таълифи чандин китоб камӣ хоҳад кард. Имрӯз дар шаҳру ноҳияҳои ВМКБ 1020 нафар корманди соҳаи фарҳанг фаъолияти пурсамар дошта, шарафи ҷумҳурию вилоятро дар дохил ва хориҷи кишвар ҳимоя мекунанд. Дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 120 муассисаи фарҳангӣ бунёд, таъмир ва навсозӣ шуда, танҳо давоми соли равон ифтитоҳи боз 10 муассисаи соҳа дар ноҳияҳои Ванҷ, Рӯшон, Роштқалъа ва Ишкошим дар назар аст.

Барои ҷалби ҳарчи бештари сокинон ба озмунҳои фарҳангию маърифатии ҷумҳуриявӣ низ чораҳои зарурӣ андешида мешаванд. Чанде пеш аз рӯйи натиҷаи даври вилоятии озмуни ҷумҳуриявии «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» 85 нафар сокинони шаҳру ноҳияҳои ВМКБ ба даври ҷумҳуриявӣ роҳхат гирифтанд.

Масъалаи дастгирӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои занон дар сиёсати иҷтимоии давлат мақоми махсус дорад. Тайи солҳои соҳибистиқлолӣ барои баланд бардоштани мақоми занону духтарон ва иштироки онҳо дар идоракунии давлатӣ тадбирҳои назаррас амалӣ гардидаанд. Қабул ва татбиқи «Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2023–2030» аз қадамҳои ҷиддӣ дар ин самт мебошад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1997 инҷониб ҷавондухтарони ҷамоатҳои деҳоти дурдаст бо квотаҳои Президентӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар таҳсил мекунанд. Дар соли таҳсили 2025–2026 тибқи нақшаи қабули квотаи президентӣ 134 нафар аз ВМКБ, аз ҷумла, 66 нафар ҷавондухтар, ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил шудаанд. Аз соли 2019 то соли 2025 зиёда аз 400 ҷавондухтари деҳаҳои дурдасти вилоят тибқи квотаи президентӣ муассисаҳои олиро хатм намудаанд.

Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ ҷиҳати амалисозии «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2030» тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ намуда, ба баланд бардоштани сатҳи маърифатнокӣ, касбомӯзӣ ва шуғли занону духтарон таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Теъдоди корхонаҳои дӯзандагӣ дар вилоят ба 9 адад расида, занону духтарони ҳунарманд ба дӯзандагӣ, бофандагӣ, пухтупаз ва дигар ҳунарҳои мардумӣ ҷалб шудаанд.

Саҳми занон дар соҳаи фарҳангу маънавиёт низ назаррас аст. Дар ин самт 693 нафар зан фаъолият намуда, 158 нафарашон дар мансабҳои роҳбарикунанда кор мекунанд. Дар маҷмуъ, аз 320 вакили мардумӣ 104 нафар зан буда, дар Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ аз 66 вакил 22 нафарро бонувон ташкил медиҳанд. Дар Донишгоҳи давлатии Хоруғ 23 нафар зан номзади илм ва 14 нафар дотсент мебошанд. Шумораи умумии соҳибкорзанон бошад, ба 3263 нафар расидааст.

Бо дарназардошти муваффақиятҳо ва дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ҳар яки моро зарур аст, ки сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат ва давлату Ҳукумати мамлакатро ҳамаҷониба дастгирӣ намуда, дар татбиқи ҳадафҳои созандаи кишвар, иштироки фаъолона дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, инчунин, тарбияи фарзандони худогоҳу худшинос, ватандӯст ва дорои ҳувияти баланди миллӣ саҳми боз ҳам назаррас гузорем.



# РАМЗИ ОЗОДӢ ВА ПЕШРАФТ

**Истиқлол барои халқу миллати тоҷик нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари ормонҳои таърихӣ, шиносномаи мардуми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари тоҷикон мебошад.**



**Даминзода Арафамо Искандар**
*муовини раиси шаҳри Кӯлоб*

Истиқлол шиносномаи ҳастии давлат, комилҳуқуқӣ ва соҳибихтиёрӣ, низоми давлатдории бузурги миллат аст, ки сиёсати дохилию хориҷӣ, иқтисодӣ, вазъи иҷтимоию фарҳангии худро ривоҷу равнақ медиҳад. Истиқлол рамзи соҳибдавлатӣ ва давлатдории миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, роҳу равиши хосса ва мақому мавқеи муносиброи дар ҷомеаи ҷаҳонӣ пайдо кард ва набзи давлату миллати моро ба набзи сайёра ҳамсадо месозад.

Гарчанде, бархе аз номуродон саравал чун душманони қаттоли ин сарзамини таърихӣ аз гумроҳӣ тобу тоқати ин руйдоди бузурги таърихӣ накарда, миллати барӯманди тоҷикро бо ҳамдигар иғво андохтаанд, ҷангҳои бародаркӯш ташкил намуданд, мардуми барӯманди ин сарзаминро муҳоҷир гардониданд, мавзеъҳоро вайрон карданду тифлаконро бесаробон гардонидаанд, аммо ба муроди дили пуркинаашон нарасидаанд. Зеро, ин миллати бузургро марди бузурги дунёдида, ҷаҳондону дарёдил, бохираду неккадам Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбаладӣ мекунад. Бо мурури вақт ҳама душворию азиятҳо паси сар гаштанду давлат орому миллат дилшод гардид.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти маҳбуби кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: "Ба шарофати мустақилият халқи мо соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардид. Асосҳои сохтори конститутсионӣ, рукнҳои нави идоракунии давлат, меъёрҳои танзимкунандаи ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии кишвар муқаррар гардида, асъори миллӣ ба муомилот бароварда шуд."

Бояд гуфт, мустақилияти давлат дар ягонагӣ ва волоияти ҳокимияти давлатӣ дар қаламрави мамлакат ва соҳибихтиёрӣ дар муносибат бо субъектҳои сиёсии байналмилалӣ ифода меёбад. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муаррифӣ гардида, бо аксар кишварҳои олам ва созмонҳои ҷаҳонӣ муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкорӣ баркарор намудааст. Тоҷикистон узви фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони ҳамкории исломӣ ва чандин ташкилотҳои байналмилаливу минтақавии дигар мебошад.

Падидаи муҳим дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани пешниҳодҳо дар сатҳи байналмилалӣ мебошад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ташаббусҳои созандаи Сарвари давлат ба ҳалли мушкилоти глобалии сайёра, аз ҷумла, ба масъалаи об, равона гардидаанд, қобили дастгирии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошанд ва кишвари мо дар арсаи байналмилалӣ ба сифати ташаббускор ва пешсафи фаъоли ҳалли масоили глобалии вобаста ба истифодаи босамари захираҳои об эътироф гардидааст.

Самараи неки Истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар дунё чун давлати сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта шудааст. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон - манбаи омӯзиши сулҳхоҳони ҷаҳон гашт, ки боиси ифтихори ҳар як қавми тоҷикзабон аст. Мо бояд аз ин миллати барумаnd биболему барои боз ҳам машҳуртар гардидани он кушишу ғайрат намоем.

# ДАСТОВАРДИ МУҚАДДАС

**Истиқлоли давлатӣ муқаддастарин дастоварди сиёсӣ ва таърихӣ барои ҳар як миллату халқият маҳсуб ёфта, оғози марҳилаи навини давлатдорӣ ба шумор меравад.**

Барои халқи тоҷик низ рӯзи 9 сентябри соли 1991 ҳамчун рӯзи эҳёи давлатдории навини тоҷикон дар саҳифаҳои таърих бо ҳарфҳои заррин сабт гардид. Бо қабули Эъломияи Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ормони ҳазорсолаи миллати тоҷик ҷомаи амал пӯшида, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати мустақил ва соҳибихтиёр ба арсаи байналмилалӣ ворид шуд.

Имсол мардуми шарифи Тоҷикистон Ҷашни 35-солагии ин рӯйдоди бузурги таърихиро дар фазои сулҳу субот, ваҳдат ва созандагӣ таҷлил менамоянд. Ин сана барои ҳар як шаҳрванди ватандӯст на танҳо ҷашн, балки фурсати арзёбии роҳи тайкардаи давлатдорӣ мебошад.

Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи бисёр вазнин буд. Фурӯпошии низоми иқтисодӣ, бӯҳрони сиёсӣ, мухолифатҳои дохилӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ давлатро ба вартаи нобудӣ бурда буданд. Дар чунин айёми тақдирсоз, моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Раиси Шурои Олӣ интихоб шуданд.

Таҳти роҳбарии Пешвои миллат барои хотима бахшидан ба ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани фаъолияти мақомоти давлатӣ, бозгардонидани гурезаҳо, таъмини амният ва муттаҳид сохтани ҷомеа тадбирҳои сарнавиштсоз амалӣ гардиданд. Самараи ин талошҳо ба имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ 27 июни соли 1997 оварда расонд, ки барои таҳкими истиқлоли давлатӣ заминаи устувор гузошт.

Маҳз, дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ Тоҷикистон ба рушди устувори иқтисодӣ оғоз намуд. Дар давоми 35 соли Истиқлол садҳо барномаҳои давлатӣ қабул гардида, ҳазорон иншооти муҳимми иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ бунёд шуданд. Роҳҳои байналмилалӣ, нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ, муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ сохта шуда, симои кишвар куллан дигаргун гардид. Ҳадафҳои стратегӣ



**Насиба Фароғатзода**
*муовини раиси шаҳри Норак*

– истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръат пайгирона амалӣ мегарданд.

Шаҳри Норак низ ҳамчун маркази муҳимми энергетикии ҷумҳурӣ дар солҳои Истиқлол ба дастовардҳои назаррас ноил гардидааст. Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ, варзишӣ, роҳҳо ва дигар иншооти иҷтимоӣ бунёду навсозӣ шуданд. Имрӯз корҳои ободониву созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо маром идома доранд.

Истиқлоли давлатӣ барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон танҳо озодӣ нест, балки масъулияти бузург дар назди давлат, миллат ва наслҳои оянда мебошад. Ҳифзи сулҳу субот, Ваҳдати миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои давлатӣ ва саҳмгузорӣ дар ободии Ватан вазифаи муқаддаси ҳар яки мост.

# ЗАБОН ВА ИСТИҚЛОЛ

**Қавли маъруфи файласуфи бузурги олмонитабори садаи бист Мартин Ҳайдеггер (1889–1976) дар бобати «бинои ҳастӣ» будани забон ҳақиқати бебаҳс аст ва ҷойи шакку тардид надорад. Воқеан, бинои пойдори ҳастии ҳар қавму миллат дар ҳамаи давру замон забони модарии ӯст, ки на танҳо таъриху фарҳанг, одобу русум, балки дар маҷмуъ асолату рисолати ҳастии он қавму миллатро дар ойинаи тамомнамояш мунъакис мекунад.**



**Ҳасани СУЛТОН**
*доктори илми филология,*
*узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*

Бинои пойдору мондагори ҳастии миллати куҳанбунёди тоҷик низ бидуни шак забони ширину шевои тоҷикист. Ба ин маънӣ, устоди зиндаёд Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ соли 1991 дар хусуси вазъи онрӯзаи забони модарӣ зери унвони «Забони мо ҳастии мост» китобе ба нашр расонда буд. «Забони миллат – ҳастии миллат» ном гирифтани китоби Пешвои муаззами миллат ҳам, ки ҷилдҳои якуму дувуми он (2016, 2020) саргузашти забони модарии моро бо ҳама шебу фароз аз оғози ташаккул то ибтидои асри бист дар бар мегирад, ин ҳақиқатро возеҳан таъйид мекунад.

Вале мушкил он аст, ки дар ҷаҳони муосир бақову пойдории бинои ҳастӣ, яъне забони модарии бархе қавму миллатҳои дунё бар асари сиёсатҳои нави ҷаҳонӣ ва равандҳои имрӯзаи марбут ба “ҷаҳонгароӣ” ё “ҷаҳонӣ шудан” зери хатар қарор гирифтааст. Ба баёни дигар, оташи асолатсӯзи ин сиёсату равандҳо ба бинои ҳастии қавму миллатҳои соҳибфарҳангу тамаддунофари олам низ таҳдид мекунад. Ҳамин аст, ки ба андешаи соҳибназарон ва муҳаққиқони забон дар ҷаҳони муосир танҳо ҳашт забон, яъне забонҳои чинӣ, англисӣ, испанӣ, русӣ, португалӣ, банголӣ, ҳиндӣ ва японӣ дар ҳоли рушду болабдагӣ қарор доранд ва эҳтимоли қавӣ меравад, ки дар сад соли оянда 50 дарсади забонҳои зиндаи олам нобуд гардад. Натиҷаи таҳқиқи забоншиноси амрикоӣ Майкл Кравс, ки забонҳои маҳкум ба нобудиро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, боз ҳам бештар нигаронкунанда ба назар мерасад. Ин муҳаққиқ дар заминаи таҳқиқ ба натиҷа расидааст, ки дар асри XXI ба 90 дарсади забонҳои зиндаи дунё хатари нобудӣ таҳдид мекунад.

Бино бар ин, забони модарии мо ҳам бо вуҷуди он ҳама таърихи пурифтихор ва собиқаи дерин аз шарри равандҳои ҷаҳони муосир комилан дар амон буда наметавонад. Аз ин хотир, ҳифзу нигаҳдошт ва рушду таҳкими забони модарӣ ба сифати бинои ҳастии миллат дар ҷаҳони имрӯз ба муносибату алоқамандии самимонаву содиқонаи мо ба забони модарӣ бастагӣ дорад.

Хушбахтона, Истиқлоли давлатӣ барои побарҷоию устуворӣ ва бақову пояндагии бинои ҳастии миллат, яъне забони модарии мо шароит ва имконоти мусоид фароҳам овард.

Муҳимтар аз ҳама, дар рӯзгори Истиқлоли давлатӣ забони тоҷикӣ ба сифати бинои ҳастии миллат таҳкиму устувории бештар ёфт ва мақоми воқеии расмию давлатӣ пайдо карда, дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа мавриди истифодаи густурда қарор гирифт.

Баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ ва сулҳу субот дар кишвар ва ноил омадан ба пешравиҳои назаррас дар роҳи бунёди давлати миллӣ зарурат пеш омад, ки Қонуни забон, ки пештар аз даврони Истиқлол таҳия ва ба тасвиб расида буд, мавриди бознигарӣ қарор дода шавад. Аз ин хотир, дар таъ-

рихи 5 октябри соли 2009 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба тасвиб расид ва ин таърих рӯзи гиромидошти забони модарӣ муқаррар гардид, ки минбаъд, ҳамасола дар мамлакат таҷлил карда мешавад.

Бояд таъкид кард, ки Қонуни мазкур бар мабнои меъёрҳои мақбул ва эътирофшудаи байналмилалӣ таҳия шуда, вазъи ҳуқуқӣ, доираи корбурд ва дурнамои рушди забони давлатиро дар қаламрави кишвар дар давраи Истиқлоли давлатӣ ва шароити нави дигаргуниҳои бузурги сиёсию иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар ҳаёти дохилӣ ва хориҷӣ танзиму муқаррар менамояд.

Бо муҳайё шудани имкону шароити бештар дар мамлакат, давра ба давра, барномаҳои рушди забони давлатӣ таҳия, тасвиб ва амалӣ карда шуданд. Аз ҷумла, Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020–2030, ки дар таърихи 28 ноябри соли 2020 аз тарафи Раиси муҳтарами Ҳукумати мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба тасвиб расид, дурнамои рушди забони модариро барои даҳ соли оянда дар бар гирифта, ба татбиқи муваффақонаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» равона гардидааст. Ҳадафу вазифаҳои барномаи мавриди назар, асосан, нигоҳ доштани асолат ва ҳувияти забони модарӣ ба сифати омили ҳастӣ ва бақои миллат дар замони мо мебошад.

Яке аз иқдомҳои муҳим дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, дар самти арҷгузорӣ ба забону фарҳанги миллат, эҳёи дубораи номҳои таърихии ҷуғрофист, ки бар асари сиёсатҳои давр ва ҷойи худро тағйир додани қавму қабилаҳои кӯчии саҳронишин номи худро дигар кардаанд. Бидуни шак, эҳёи номҳои таърихии Суғд, Бохтар, Хуҷанд, Истаравшан, Леваканд ва ғайра на танҳо аҳаммияти забонию фарҳангӣ доранд, балки барои худшиносию худогоҳии миллӣ ва эҳёи ҳофизаи таърихӣ аз аҳаммияти фаровон бархурдоранд.

Мусаллам аст, ки дар рӯзгори имрӯз тавону иқтидори ҳар миллату мамлакат бастагӣ ба артиш ва неруҳои мусаллаҳи он дорад. Бо шарофати Истиқлол забони тоҷикӣ забони артиш ва неруҳои мусаллаҳи Тоҷикистон қарор гирифт ва имрӯз ҳама гуна расмиёт ва машқҳои низомӣ ба забони тоҷикӣ анҷом мепазирад.

Дигар аз иқдомҳои муҳимми рӯзгори Истиқлоли давлатӣ забони илм эътироф шудани забони тоҷикӣ дар қаламрави мамлакат ва таъсиси Комиссияи Олии Аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Таълифи асарҳои илмӣ дар ҳамаи бахшу соҳаҳо, бахусус, дар илмҳои табиатшиносӣ, риёзӣ ва техникӣ барои сайқал хӯрдани забони модарӣ, ҳамқадами замон рушд кардан ва ба пояи забони илми муосир расидани он беш аз пеш мусоидат менамояд.

Дар маҷмуъ, вазъу ҳолати бинои ҳастии миллати тоҷик, яъне забони тоҷикиро дар даврони Истиқлоли давлатӣ чунин метавон хулосаву натиҷагирӣ кард:

1. Забони тоҷикӣ дар даврони Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати забони расмию давлатӣ дар паноҳи давлат қарор гирифт ва ҷойгоҳи воқеии худро дар ҳамаи идораву вазоратхона ва корхонаву муассисаҳои кишвар, қатъи назар аз шакли моликият ва дар байни ҳамаи қишрҳои ҷомеа ба даст овард.

2. Муносибати аҳли ҷомеа ба забони тоҷикӣ ба гунаи мусбат тағйир ёфт ва бетафовутӣ нисбат ба ин забон, ки дар даврони шуравӣ дар байни баъзе табақаҳои аҳолӣ камобеш ба мушоҳида мерасид, комилан аз байн рафт.

3. Забони таълифи асарҳои бадеӣ, забони матбуот ва дигар воситаҳои ахбор беҳтар гардид ва лавҳаву овезаҳои шаҳру деҳоти мамлакат бештар симои тоҷикона гирифт.

4. Номҳои аслии таърихию ҷуғрофӣ, ки дар умқи таърих ва забони мо реша доранд ва бар асари сиёсатҳои давр ё тағйири макон кардани қавму қабилаҳои саҳронишини кӯчӣ дигар шудаанд, дубора эҳё гардиданд, ки дар роҳи рушду таҳкими забон ва болобурди сатҳи худшиносию худогоҳии миллии мо аҳаммияти бузург доранд.

5. Забони тоҷикӣ ба сифати забони артиш ва неруҳои мусаллаҳи мамлакат пазируфта шуд ва иҷрои ҳама расмиёту машқҳои низомӣ ба ин забон ба роҳ монда шуд.

6. Забони тоҷикӣ дар мамлакат забони илм эълон гардид. Дар баробари ин, таъсис гардидани Комиссияи Олии Аттестатсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таълифу дифои рисолаҳои илмӣ ба забони тоҷикӣ барои ба пояи забони илми муосир расидани забони мо роҳ боз кард.

Забони тоҷикӣ дар зарфи бештар 35-соли Истиқлоли давлатӣ муҳимтарин омили ваҳдат ва сарҷамъии миллат гардид ва бори дигар матлаби бинои ҳастӣ ва бақову пойдории миллат будани забонро ба ваҷҳи аҳсан ба исбот расонд.

Ҳосили сухан, даврони Истиқлоли давлатӣ ва бунёди давлати миллӣ, воқеан, рӯзгори таҳкиму побарҷоии бинои ҳастии миллат – забони тоҷикӣ маҳсуб мегардад, ки дар амри пешрафту болandaгӣ, бақову пойдорӣ, устуворию мондагорӣ ва ба марҳалаи нави рушд ворид шудани он нақши Пешвои миллат ва Сарвари давлати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меҳварӣ арзёбӣ мешавад.

# ҶАСОРАТУ ЗАКОВАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛ

**Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳама давру замон зимоми давлатдорӣ ба дасти шахсиятҳое мегузарад, ки бо хираду тафаккур, ҷасорат ва заковати хеш давлату миллатро роҳнамоӣ мекунанд. Вақте ба таҷрибаи давлатдории кишварҳои пешрафта назар мекунем, маълум мегардад, ки яке аз омилҳои калидии муваффақияти онҳо сиёсати сулҳофарӣ, ваҳдатофарӣ, оромиву осоиш ва сарҷамъии миллат мебошад.**



**Шаҳзода ҚАЮМӢ**
*доктори илмҳои иқтисодӣ,*
*директори Муассисаи давлатии «Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони низоми меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Дар баробари ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ миллати тоҷик низ ба роҳбаре ниёз дошт, ки дар марҳилаи бисёр душвор тавассути хирад, ҷасорату заковат, сулҳофарӣ, ваҳдатгаройӣ, таҳаммулпазирӣ ва инсондӯстӣ мардумро сарҷамъ намояд.

Пешвои миллат замоне зимоми давлатдориро ба даст гирифтанд, ки Тоҷикистон ба мушкилоти ҷиддии сиёсиву иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардида, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кишварро ба гирдоби ноороми кашида буд. Куштори бародар аз ҷониби бародар, мансабхоҳӣ ва хиёнати баъзе аз ҳаммиллатон ба парокандагии ҷомеа оварда расонд. Дар чунин вазъ ба Тоҷикистон роҳбари ҷасур, дурандеш ва хирадманде лозим буд, ки тавонад роҳи раҳоӣ аз бухронро пайдо кунад.

Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин давраи тақдирсоз ҳамчун вакили мардумӣ бо ҷасорат масъулияти роҳбариро ба зимма гирифта, ба миллати пароканда ва ноумед ваъда доданд: «Ман ба шумо сулҳ меорам» ва «То охирин гурезаро ба Ватан барнагардонам, худро ором эҳсос намекунам». Ин суханон барои мардуми азияткашидаи тоҷик, ки ташнаи сулҳу субот буданд, пайки умед гардид.

Хидмати бузурги Пешвои миллат дар он аст, ки дар шароити бисёр ҳассоси ҷанги шаҳрвандӣ давлат ва миллати тоҷикро аз парокандагӣ ҳифз карданд. Иродаи қавӣ, ҷуръати сиёсӣ ва заковати Сарвари давлат имкон дод, ки бори вазнини эъмори давлат ба дӯш гирифта шуда, миллат аз хатари нестшавӣ ва халқ аз парокандагӣ раҳо гардад.

Танҳо ҳамин далел басанда аст, ки дар он лаҳзаҳои мураккаб бисёре аз шахсиятҳои таҷрибадор ҷуръат намекарданд бори масъулияти роҳбарии кишварро ба дӯш гиранд. Вазъи мураккаб талаб мекард, ки аввал, якпорчагии мамлакат таъмин ва баъдан, роҳи рушди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ муайян карда шавад.

Сарвари давлат вазифаи муҳимтарини худро дар барқарор кардани ваҳдату пайванди тамоми қишрҳои ҷомеа медиданд. Ин замоне буд, ки сохторҳои давлатӣ фалаҷ ва вазъи мамлакат ниҳоят душвор буд. Ҳамзамон, ҳалли мушкилоти ҳазорон муҳоҷири иҷборӣ, ки дар натиҷаи ҷанг ба кишварҳои ҳамсоя, махсусан Афғонистон паноҳ бурда буданд, аз муҳимтарин масъалаҳо маҳсуб меёфт. Яке аз иқдомҳои муҳим, маҳз, баргардонидани муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан буд. Чунин сиёсат боварӣ ва эътимоди мардумро ба оянда бештар намуд.

Пешвои миллат аз рӯзҳои нахустин изҳор дошта буданд: «Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар як хона ва ҳар як оила барқарор гардидани сулҳу субот равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизамон садоқатмандона хизмат намоям». Ба ин аҳд вафо карда, бо талошҳои пайгирона давлату миллатро аз вартаи фалокат берун овbooked, сулҳро таъмин ва пояҳои ваҳдати миллиро устувор намуданд.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки миллати соҳибтамаддуни тоҷик дар марҳилаи бисёр ҳассоси таърихӣ тавонист ба ҳам ояд ва давлати соҳибистиқлоли худро ҳифз намояд. Акнун ҳифзу таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ масъулияти ҳар як шаҳрванди кишвар аст. Зарур аст, ки ба қадри сулҳу субот, якпорчагии Ватан ва осудагии миллат бирасем ва насли наврасро дар руҳияи худшиносӣ, ҳамбастагии миллӣ, якдилӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллию давлатӣ тарбия намоем.



Хосият ВАЛИЗОДА

## ИСТИҚЛОЛ

Рӯзгори сабзу хуррам бошад Истиқлол,
Азми беандоза ҳар дам бошад Истиқлол.
Ҳамчу оби тозаву боду ҳавои худ,
Дар ҳама паҳнои олам бошад Истиқлол.
Хонаи ободу хони пур зи файз умре,
Заркалиди бахти одам бошад Истиқлол.
Ҷанги бадрӯ доимо дар қасди зебоист,
Чирағӣ бар аҳди адҳам бошад Истиқлол.
Руҳи аҷдоди худиро шод бинмудем,
Ояҳои қудси ардам бошад Истиқлол.
Ҳамватан, бодо муборак, худшиносият,
Сӯйи фардо гоми бардам бошад Истиқлол.
Хосият, шеъри ту ҳам бо хушнавоияш
Чун расад бар гӯш форам, бошад Истиқлол!



# ПЕШОҲАНГИ ТАШАББУСҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

**Сулҳ барои миллати тоҷик танҳо як мафҳуми сиёсӣ нест, балки фалсафаи зиндагӣ, кафолати рушди устувор ва мероси гаронбаҳо барои наслҳои оянда мебошад. То он замоне, ки ин арзиш муқаддас ҳифз мегардад, Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, ҳуқуқбунёд, демократӣ ва сулҳпарвар бо эътибори баланд дар арсаи байналмилалӣ мавқеи худро боз ҳам таҳким хоҳад бахшид.**



**Аскарзода Олуфтабону**
*иҷрокунандаи вазифаи раиси Суди ноҳияи Фархор*

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки "Сулҳ танҳо набудани ҷанг нест, балки фарҳанги таҳаммулпазирӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсон, ҳамзистии осоишта ва рушди устувори ҷомеа мебошад". Маҳз ҳамин андешаҳои созанда ва бунёдии Роҳбари давлат имрӯз дар Қатъномаи қабулгардидаи Созмони Милали Муттаҳид қарор гирифт, ки ин падидаи неки таърихӣ боиси хушнудӣ ва ифтихори ҳар фарди бонангуори меҳани азизамон мебошад.

Қабули Қатъномаи Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда барои солҳои 2027–2036», ки бо ибтикори бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қабул гардид, яке аз рӯйдодҳои муҳимми таърихӣ дар арсаи байналмилалӣ маҳсуб меёбад.

Бо қабули ин Қатънома, бори дигар собит гардид, ки таҷрибаи сулҳи тоҷикон аҳаммияти сатҳи ҷаҳониро дар худ касб намуда, кишвари мо намунаи олии барои таҳкими сулҳ, пешгирии низоъҳо ва ҳифзи амнияти байналмилалӣ эътироф гардидааст.

Эълон гардидани «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда барои солҳои 2027–2036» бори дигар нишон медиҳад, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ ин арзишҳоро муҳим шуморида, барои татбиқи он омода мебошад.

Қабули ин танҳо як муваффақияти дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон нест, балки он бозгӯйи эътирофи ҷаҳонии таҷрибаи сулҳофаринии миллати тоҷик ва сиёсати сулҳҷӯёнаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар ҷаҳони имрӯз ки муноқишаҳои мусаллаҳона, таҳдидҳои терроризм, ифротгароӣ, тағйирёбии иқлим ва дигар хатарҳои глобалӣ ба амнияти инсоният таъсири манфӣ мерасонад, пешниҳоди Тоҷикистон ҷиҳати таҳкими фарҳанги сулҳ аҳаммияти махсус пайдо мекунад.

Шоистаи зикр аст, ки қатъномаи навбатии Созмони Милали Муттаҳид бори дигар собит намуд, ки сиёсати сулҳпарваронаи Тоҷикистон имрӯз аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ ҳамчун сиёсати созанда, дурбинона ва башардӯстона пазируфта шудааст, ки ин дастоварди бузурги сиёсӣ мояи ифтихори ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон ба шумор рафта моро водор месозад, ки бо ҳисси баланди ватандӯстӣ, худшиносии миллӣ ва масъулияти шаҳрвандӣ дар ҳифз ва таҳкими Истиқлоли давлатӣ, сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ саҳми арзандаи худро гузорем.

Қайд намудан ҷоиз аст, ки дар шароити бархурди тамаддунҳо ва низоъҳои байналмилалӣ рисолати виҷдонии ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон аз он иборат аст, ки сулҳу оромӣ, Ваҳдати миллӣ, эҳтироми қонун ва арзишҳои давлатдориро ҳамчун неъмати бебаҳо ҳифз намояд.

Зеро сулҳ танҳо масъулияти давлат нест, балки рисолати ҳар як фарди ҷомеа мебошад. Агар мо ҳамчун фарзанди меҳан дар ҳифзи субботи сиёсӣ, таҳкими ваҳдат ва эҳтиром ба қонунро рисолатии худ бипазирем, Тоҷикистон минбаъд низ ҳамчун кишвари сулҳофар ва ташаббускори масъалаҳои муҳимми ҷаҳонӣ мавқеи устувори худро нигоҳ медорад.

# ИСТИҚЛОЛ ВА ВАҲДАТ БО ҲАМ ТАВЪАМАНД

**Имрӯз аз баракати Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ миллатеро бо номи тоҷик ва кишвареро бо номи Тоҷикистон кулли мардуми сайёра мешиносанд ва давлати мо дар арсаи ҷаҳонӣ мақому эътибори хосаро соҳиб гардидааст.**

Воқеан ҳам, Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ ормони ҳазорсолаи миллати тоҷик буданд, ки баъди асрҳо ҷомаи амал пӯшиданд. Зери роҳбариву роҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари азизамон ба сарзамини озоду ором ва рӯ ба пешрафт табдил ёфт.

Сарвари давлат таъкид намудаанд: «Истиқлол ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии осоиштаву озодонаи мардумамонро ба роҳ монем».

Истиқлол – шарафу номуси ватандорӣ, ифтихор аз давлату миллати хеш ва талошу заҳмати ҳар як фарди бонангу номус баҳри худшиносиву маърифат аст. Истиқлол хонаи ободу, рӯйи сурх, сари баланд, зиндагии осоишта ва соҳибдавлату соҳибватан будан аст.

Истиқлоли давлатии Тоҷикистон, ки аз он 35 сол сипарӣ мешавад, барои кишвари мо марҳалаи тозаи давлатдориро оғоз бахшид. Аммо солҳои нахустини он бо мушкилоту ноoромиҳо ва ҷанги шаҳрвандӣ ҳамроҳ гардиданд. Тоҷикистон ба гирдоби низоъ фурӯ рафта, хатари аз байн рафтани давлату миллат пеш омад. Ҳазорон нафар ҷони худро аз даст доданд, садҳо ҳазор сокинон бехонаву дар ва гуреза гардиданд.

Дар чунин рӯзгори нобасомон баргузории Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои миллати тоҷик рӯйдоди сарнавиштсоз гардид. Дар ҳамин иҷлосия муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба роҳбарии давлат интихоб гардида, барқарор намудани сулҳу субот, фаъолияти мақомоти давлатӣ, бозгардонидани гурезаҳо ва эҳёи иқтисодии кишвар аз муҳимтарин вазифаҳо муайян шуданд.

Роҳбари давлат бо дарки масъулияти бузург барои қатъи ҷанг ва расидан ба сулҳу оштии миллӣ талош намуданд. Авфи умумӣ ва тадбирҳои баъдӣ эътимоди мардумро ба ояндаи осуда тақвият бахшида, заминаи хомӯш гардидани оташи ҷанг ва тантанаи Ваҳдати миллӣ фароҳам омад.

Имрӯз Тоҷикистон дар роҳи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ва саноатикунонии кишвар қадамҳои устувор мегузорад. Аммо муҳимтарин дастоварди мо ҳамоно сулҳ, ваҳдат ва якпорчагии Ватан мебошад.



**Шердилова Дилафрӯз**
*мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Ишкошим*

Аз ин рӯ, бахусус, ҷавонони даврони соҳибистиқлол бояд аз таърихи на чандон дури кишвар сабақ гирифта, ба қадри ин рӯзҳои орому осуда бирасанд. Онҳо бояд бидонанд, ки дар паси сулҳу суботи имрӯза чӣ қадар ҷоннисорӣ, мардонагӣ ва талошҳои фарзандони миллат қарор доранд.

Вазъи зудтағйирёбандаи ҷаҳони имрӯза низ моро водор месозад, ки ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳем. Истиқлоли давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ ду ганҷи бебаҳои миллатанд. Мо вазифадорем онҳоро чун гавҳараки чашм ҳифз намуда, ҳамчун амонати муқаддаси гузаштагон ба наслҳои оянда вогузорем.

# ИСТИҚЛОЛ ВА ДАСТОВАРДҲОИ БЕНАЗИРИ ОН

**«Истиқлол» мафҳуми арзишманд ба шумор рафта, ноил гардидан ба он шарафи бузург барои ҳар як миллат аст. Истиқлоли давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки рушди босубот дар кишвар таъмин гардида, сатҳи некуаҳволии ҷомеа беҳтар ва натиҷаҳои назаррас дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шаванд.**



**Шарифзода Наргис Достӣ**
*номзади илмҳои педагогӣ, мудири Кӯдакистони муассисаи таҳсилоти томактабии №30-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе*

Дастоварди бузурги замони соҳибистиқлолӣ устувории низоми давлатдорӣ ва рушди қонунгузорӣ мебошад. Маҳз, дар доираи давлатдорӣ миллат метавонад сохти ҳаёти иҷтимоӣ, низоми сиёсӣ ва шакли идоракунии давлатро муайян намуда, низоми ҳуқуқии миллии худро ташаккул диҳад. Аз ин лиҳоз, дар таърихи муосири Тоҷикистон ба даст овардани давлатдории миллӣ падидаи нодир ва дастоварди беназир мебошад.

Истиқлоли давлатӣ ба мо имкон дод, ки ба ҳифзи забон, таърих ва фарҳанги ниёгон таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоем. Забони миллӣ ифодакунандаи таърих ва саргузашти миллат, василаи муҳимми дарки ҳувият ба шумор меравад. Аз ин рӯ, ҳифзу гиромидошт ва тозагии забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ вазифаи ҳар як фарди бонангу номуси кишвар мебошад.

Дар даврони истиқлол барои бедории худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ, омӯзиши амиқи таърихи миллати тоҷик, эҳёи расму ойинҳо ва рушди фарҳанги ниёгон корҳои зиёде анҷом дода шуданд.

Истиқлоли давлатӣ барои рушди иқтисоди ватанӣ низ шароити мусоид фароҳам овард. Татбиқи чор ҳадафи стратегӣ – баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, ба даст овардани истиқлоли энергетикӣ ва саноаткунонии кишвар барои рушди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум заминаи муҳим гузошт.

Ҳамзамон, Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият пайдо намуд, ки сиёсати хориҷии мустақили худро ташаккул дода, бо давлатҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ муносибатҳои дипломатӣ, иқтисодӣ ва тиҷоратиро рушд диҳад. Пешбурди «сиёсати дарҳои боз» аз соли 2003 ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат намуд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаҳои маориф ва тандурустӣ низ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид. Бунёд ва азнавсозии мактабҳо, беморхонаҳо, литсейҳо, донишкадаву донишгоҳҳо, фароҳам овардани шароити муосири таълим ва истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, омӯзиши илмҳои дақиқ, забономӯзӣ ва тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ равона шудаанд.

Яке аз самтҳои муҳимми соҳаи маориф таҳсилоти томактабӣ мебошад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз соли 2010 дар Паём ба Маҷлиси Олӣ таъкид намуда буданд, ки ба зинаи аввали низоми маориф, тарбияи томактабӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шавад, зеро дар ҳамин муассисаҳо хиштҳои нахустини бинои шахсият ва ҷаҳонбинии инсон гузошта мешаванд.

Дар даврони соҳибихтиёрӣ барои барқарорсозӣ ва рушди муассисаҳои томактабӣ як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд. Аз ҷумла, соли 2013 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ» қабул шуд, ки заминаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодии рушди соҳаро муайян менамояд.

Ҳукумати мамлакат ҷиҳати таъсиси шаклҳои алтернативии муассисаҳои томактабӣ, таъмиру таҷдид ва муҷаҳҳазсозии онҳо бо ҷалби бахши хусусӣ, ташкилоту созмонҳо ва шахсони эҳсонкор тадбирҳои муассир меандешад. Ин ҳама самараи Истиқлоли давлатӣ ва ғамхорӣ нисбат ба тарбияи насли оянда мебошад.

# ИФТИХОРИ МО ЗИ ИСТИҚЛОЛИ МОСТ

**«Истиқлол мазҳари ормонҳои таърихӣ, шиносномаи байналмилалӣ, замонати ҳастии воқеӣ ва бошарофати миллат аст».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Сарзамини хуршедӣ ва куҳанбунёди Тоҷикистон ҷашн дорад. Ҷашни худогоҳӣ, ҷашни худшиносӣ, ҷашни ҳамдилию ҳамнавоӣ – ҷашни Истиқлол!

Имрӯз нури Истиқлол бар сарзамини нозанину баҳороғӯши мо партавафшон аст. Фазои кишвари озод аз навои озодӣ, иқбол ва хештаншиносӣ саршор мебошад. Шоири нозукбаён Давлат Сафар ин эҳсоси ифтихору шодмониро хеле хуб ба қалам додааст:

*Мо ба он рӯз расидем, ки Истиқлол аст,*
*Мо ҳамон манзара дидем, ки Истиқлол аст.*
*Дар нафас ғулғула кардем фараҳмандиро,*
*Чун дили хеш тапидем, ки Истиқлол аст.*

Таърих гувоҳ аст, ки миллати тоҷик ҳамчун миллати давлатдору тамаддунофар ҳамеша рӯҳи истиқлолхоҳӣ дошт. Бо вуҷуди тохтутозҳои аҷнабиён ва нософгориҳои бешумори замон, забон, фарҳанг, расму оин ва арзишҳои миллии худро ҳифз намуда, онҳоро ба наслҳои баъдӣ мерос гузошт. Имрӯз мо соҳиби давлати миллӣ ормони деринаи ниёгон ҳастем.

Инак, Истиқлоли давлатии Тоҷикистон 35-сола мешавад. Он мисли дарахтест, ки аз тӯфонҳои сиёсиву иҷтимоии солҳои нахустини умри худ гузашта, имрӯз тануманду устувор гардидааст. Истиқлол ба миллати тоҷик имконият дод, ки тақдиру сарнавишти худро мустақилона муайян намояд, соҳиби Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардад ва Тоҷикистони соҳибихтиёрро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ созад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба майдони бузурги созандагию бунёдкорӣ табдил ёфт. Бунёди роҳу нақбҳо, пулҳо, неругоҳҳо, корхонаҳо ва иншооти иҷтимоӣ симои кишварро дигар намуд. Нақбҳои Истиқлол, Озодӣ, Шаҳристон ва Хатлон, шоҳроҳҳои замонавӣ ва пулҳои болои Панҷ минтақаҳои мамлакатро ба ҳам пайвастанд. Неругоҳи барқи обии Роғун бошад, ба рамзи иродаи созанда ва талоши миллат барои расидан ба истиқлоли энергетикӣ табдил ёфт.

Истиқлол ҳамзамон барои эҳёи фарҳанг, таърих ва худшиносии миллӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Ҷашнҳои бостонии Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон аз нав эҳё гардида, бо шукӯҳ таҷлил мешаванд. Наврӯз мақоми байналмилалӣ гирифт. Саразм ба Феҳристи мероси ҷаҳонӣ ворид гардид ва «Шашмақом» ҳамчун намунаи волои санъати мусиқии тоҷик эътирофи байналмилалӣ пайдо кард.



**Оиша Давронова**
*корманди МД «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

Истиқлол барои ҳар шаҳрванди Тоҷикистон на танҳо мафҳуми сиёсӣ, балки рамзи Ватан, озодӣ, худшиносӣ ва масъулияти ватандорист. Он дар замири мо меҳру муҳаббат ба муқаддасоти миллӣ ва сарзамини аҷдодиро афзун мекунад.

*Ифтихори мо зи Истиқлоли мост,*
*Аз сафои бахту аз иқболи мост.*
*Соҳибистиқлол, соҳибдавлатем,*
*Шодию фархундагӣ ҳамболи мост.*

Бигзор кафтари сулҳу озодӣ ҳамеша дар фазои Тоҷикистони соҳибистиқлол болу пар афшонад ва олами иқболи халқи тоҷик чун баҳори Истиқлол мусаффову муаттар бошад!

# НЕРУИ СОЗАНДАИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

**Сию панҷ соли Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои занону духтарони кишвар давраи фароҳам гардидани имкониятҳои нав, боло рафтани мақоми иҷтимоӣ ва густариши иштироки онҳо дар тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа мебошад. Имрӯз зани тоҷик дар баробари рисолати модарӣ ва тарбияи фарзанд ҳамчун сиёсатмадор, роҳбар, омӯзгор, табиб, олим, соҳибкор ва хизматчии давлатӣ дар ободиву пешрафти Ватан саҳми арзанда мегузорад.**



**Шоиста Исматзода**
*Ходими илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ*

Дар фарҳанги миллати тоҷик Зан-Модар ҳамеша мақоми баланд дошт. Ӯ нигаҳбони хонадон, забон, суннат, маърифат ва тарбиятгару парваришгари наслҳо мебошад. Аммо Истиқлоли давлатӣ барои боз ҳам густариш ёфтани нақши зан дар ҷомеа заминаи ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ фароҳам овард.

Таҳти сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи баланд бардоштани мақоми зан аз самтҳои муҳимми сиёсати иҷтимоии давлат қарор гирифт. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа», Қонун «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо», Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон ва дигар барномаҳои давлатӣ барои иштироки фаъолонаи бонувон дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ заминаи устувор гузоштанд.

Самараи ин сиёсат имрӯз дар тамоми соҳаҳо ба мушоҳида мерасад. Имрӯз занону бонувон қариб 68 фоизи кормандони соҳаи тандурустӣ, беш аз 73 фоизи кормандони соҳаи маориф, 27 фоизи кормандони илм ва зиёда аз 23 фоизи кормандони соҳаи кишоварзиро ташкил медиҳанд. Онҳо ҳамчунин дар саноат, нақлиёт, энергетика, сохтмон, бонкдорӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва Қувваҳои Мусаллаҳ фаъолияти пурсамар доранд.

Яке аз муҳимтарин дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ фароҳам шудани имкониятҳои васеъ барои таҳсили духтарон мебошад. Дар даврони Истиқлол садҳо ҳазор духтарони тоҷик соҳиби маълумоти олӣ шуданд. Квотаи президентӣ махсусан барои духтарони ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон имкони бузурги таҳсилро фароҳам овард. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ беш аз 256 ҳазор нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олиро хатм кардаанд, дар ҳоле ки соли 1989 ҳамагӣ 66 ҳазор занону бонувон соҳиби маълумоти олӣ буданд.

Дар сиёсати кадрӣ низ ба бонувони лаёқатманд таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Барномаи давлатии «Тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону бонувони болаёқат барои солҳои 2023–2030» ҷиҳати бештар ҷалб намудани онҳо ба хизмати давлатӣ ва вазифаҳои роҳбарикунанда қабул шудааст. Ҳадаф фароҳам овардани имконият барои иштироки фаъолонаи занон дар идоракунии давлат ва ҷомеа мебошад.

Бо вуҷуди ин, бузургтарин рисолати зан ҳамоно тарбияи фарзанд боқӣ мемонад. Модар нахустин омӯзгори фарзанд, посдори забони модарӣ ва парваришгари ҳисси ватандӯстиву худшиносӣ мебошад. Пешвои миллат низ борҳо таъкид намудаанд, ки модарон дар ҳифзи забон, таърих, фарҳанг ва ба камол расонидани фарзандони худшиносу ватандӯст нақши калидӣ доранд.

Дар остонаи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо ифтихор метавон гуфт, ки занону духтарони кишвар ба яке аз неруҳои муҳимми созандаи ҷомеа табдил ёфтаанд. Онҳо бо дониш, меҳнат, масъулият ва муҳаббат ба Ватан дар таҳкими давлатдорӣ, рушди иқтисоду иҷтимоиёт, илму фарҳанг ва тарбияи насли оянда саҳм мегузоранд.

Пешрафти Тоҷикистонро бе саҳми занону модарони соҳибмаърифат, ватандӯст ва ташаббускор тасаввур кардан ғайриимкон аст. Зеро неруи зан – неруи оила, неруи ҷомеа ва неруи фардои давлат аст.

# ИСТИҚЛОЛ
# ВА АРЗИШҲОИ ФАРҲАНГИИ ОН

**«Истиқлоли давлатӣ барои мо — тоҷикон дастовард ва неъмати муқаддастарин аст ва мо онро аз ҳама арзишҳои дигар азизу муқаддам медонем.»**

**Эмомалӣ Раҳмон**



**Гулрабо Ҷабборӣ**
*мудири шуъбаи рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеаи дастгоҳи раиси шаҳри Гулистон*

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 9-уми сентябри соли 1991 ба даст омад, барои мардуми тоҷик бузургтарин дастоварди таърихӣ ва муқаддастарин неъмати миллӣ мебошад. Имрӯз, дар арафаи 35-солагии Истиқлоли давлатӣ, ҳар як шаҳрванди кишвар аз ин рӯйдоди сарнавиштсоз бо эҳсоси ифтихор ва масъулият ёд мекунад.

Солҳои аввали Истиқлол барои Ҷумҳурии Тоҷикистон давраи ниҳоят ҳассос ва пурпечутоб буданд. Дар ҳамин марҳилаи тақдирсоз суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон – «Ман ба шумо сулҳ меоварам!» дар қалби мардум умед ба фардои ободро зинда гардонданд. Ин паёми самимӣ барои муттаҳид сохтани ҷомеа ва барқарор намудани сулҳу субот нақши муҳим бозид.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои ҳифзи амнияти давлат ва ҷомеа Артиши миллӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ таъсис дода шуданд. Ҳамзамон, рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон – Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ ва Суруди миллӣ қабул гардида, бо қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пояҳои давлатдории миллӣ таҳким ёфтанд.

Истиқлоли давлатӣ барои рушди ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа заминаи мусоид фароҳам овард. Дар ин раванд, занони тоҷик ҳамчун тарғибгарони фарҳанг, илм, маориф ва арзишҳои миллӣ саҳми арзишманд гузошта, дар таҳкими сулҳу суботи сиёсӣ ва рушди ҷомеа нақши муассир доранд.

Яке аз дастовардҳои муҳимми даврони Истиқлол эҳёи арзишҳои миллӣ, забони давлатӣ, таърихи пурғановат ва фарҳанги куҳанбунёди тоҷикон мебошад. Забони тоҷикӣ ҳамчун пояи ҳастии миллат ва воситаи муҳимми ҳифзи ҳувияти миллӣ мавқеи шоистаи худро касб намуд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои таҳкими худшиносӣ ва ҳувияти миллӣ тадбирҳои муҳимму муассир амалӣ гардиданд. Таҷлили бошукӯҳи ҷашнҳои миллӣ, бузургдошти фарзандони фарзонаи миллат, баргузории ҳамоишҳои байналмилалии илмӣ ва фарҳангӣ бо иштироки олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ барои муаррифии тамаддуни тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми назаррас гузоштанд. Ин иқдомҳо, ҳамзамон, ба таҳкими ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани эҳсоси ватандӯстии шаҳрвандон мусоидат намуданд.

Истиқлоли давлатӣ барои рушди иқтисоди миллӣ низ имкониятҳои васеъ фароҳам овард. Бо татбиқи чор ҳадафи стратегии кишвар – раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, расидан ба истиқлоли энергетикӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар – заминаҳои устувори рушди иқтисодӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум муҳайё шуданд.

Дар баробари ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати хориҷии мустақили худро ташаккул дода, бо аксари давлатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналмилалӣ муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монд. Сиёсати «дарҳои боз» ба таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ва густариши ҳамкориҳои иқтисодиву сиёсӣ мусоидат намуд.

Имрӯз Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи арзандаи худро соҳиб гардидааст. Вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди кишвар ҳифз ва таҳкими Истиқлол, арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, эҳтироми фарҳанги ниёгон ва саҳмгузорӣ дар пешрафту ободии Ватан мебошад. Зеро Истиқлоли давлатӣ кафили имрӯз ва фардои дурахшони миллати тоҷик аст.

# МАОРИФ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛ

**Дар тайи 35 соли Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ислоҳоти соҳаи маориф дар баробари ташаккули ҳокимияти сиёсӣ ва низоми нави иқтисодии кишвар ба яке аз рукнҳои муҳимми давлатдории миллӣ табдил ёфт. Зеро пешрафти давлату миллат, пеш аз ҳама, ба сатҳи дониш, маърифат, тарбия ва ҷаҳонбинии насли наврас вобаста аст.**



**Ҷамолиддин Абдулов**
*номзади илмҳои педагогӣ*

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, ки муносибати ҷиддӣ ба соҳаи маориф аҳаммияти бузурги сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дорад. Дар барномаҳои стратегии рушди мамлакат низ ислоҳоту пешрафти соҳаи маориф аз кӯдакистон то мактабу донишгоҳ ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятнок муайян шудааст.

Маҳз тавассути таълиму тарбия ҳар миллат фарҳанг, арзишҳои маънавӣ, таърих ва анъанаҳои худро ҳифз намуда, онҳоро ба наслҳои оянда мерос мегузорад. Мактабу маориф он ҷойгоҳест, ки дар он масъалаи «мо кистем, аз куҷоем ва аз пайи чистем» дар зеҳну тафаккури наврасон шакл мегирад. Шинохти таърихи миллат, чеҳраҳои барҷаста, мероси фарҳангӣ ва дастовардҳои гузашта барои ташаккули худшиносӣ, ҳувият ва ифтихори миллӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

Дар партави сиёсати маорифпарваронаи давлат таҳсилу тарбия бояд на танҳо дониш диҳад, балки инсонеро ба камол расонад, ки зиндагии шарафмандона дошта бошад, дар рушди иқтисод, илму техника ва фарҳанги миллӣ саҳм гузорад ва Ватани худро ба таври шоиста муаррифӣ намояд. Ҳамин аст, ки Ҳукумати мамлакат аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ такмили низоми таълиму тарбияро вазифаи муҳимтарини сиёсати иҷтимоӣ эълон намуд.

Қабули Консепсияи миллии тарбия низ дар ин раванд аҳаммияти калон дорад. Он тарбияи шаҳрвандони дорои ахлоқи баланд, ҷаҳонбинии солим, ҳисси ватандӯстӣ ва худогоҳии миллиро ҳадафи муҳим мешуморад. Тарбияи шахсият аз оила оғоз ёфта, дар муассисаҳои томактабӣ, мактаб, муассисаҳои касбӣ ва донишгоҳ идома меёбад. Дар ин миён, масъулияти омӯзгор, махсусан, бузург аст, зеро бедор намудани муҳаббат ба Ватан, эҳтиром ба таърих ва арзишҳои миллӣ, пеш аз ҳама, ба донишу маҳорати ӯ вобаста мебошад.

Миллат дар сурате ба сатҳи баланди хештаншиносӣ мерасад, ки таърихи гузашта ва сарватҳои маънавии худро амиқ омӯзад. Аз ин рӯ, таълими таърихи Ватан воситаи тавонои тарбияи худшиносӣ ва Ваҳдати миллӣ мебошад. Омӯзиши осори бузургоне, чун Абулқосим Фирдавсӣ, Умари Хайём, Носири Хисрав, Камоли Хуҷандӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ, Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров ва Мирзо Турсунзода дар ниҳоди ҷавонон ҳисси ифтихор ва масъулиятро тақвият медиҳад.

Омӯзиши таърих, чунонки, дар андешаҳои Сарвари давлат таъкид мешавад, танҳо барои донистани гузашта нест, балки дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва давлатдориро равшан мекунад. Аз ин лиҳоз, истифодаи сарчашмаҳои таърихӣ, осорхонаҳо, бойгониҳо, китобхонаҳо ва вохӯриҳо бо олимону адибон метавонад раванди худшиносии ҷавононро муассиртар гардонад. Ин роҳ дар тарбияи насли огоҳ, фарҳангдӯст ва созандаи ҷомеа аҳаммияти бузург дорад.

Имрӯз тарбияи ватандӯстӣ, худшиносӣ ва мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлату ҷомеа қарор дорад. Ватанпарастӣ танҳо муҳаббат ба зодгоҳ нест он эҳтиром ба забон, таърих, урфу одат, ҳифзи истиқлол, масъулият дар назди ҷомеа ва омодагӣ ба меҳнати созанда барои ободии кишварро дарбар мегирад.

Ҳамин тариқ, маориф дар замони истиқлол ба неруи бузурги ваҳдатофарин ва ҳувиятсоз табдил ёфтааст. Тарбияи насли босавод, худогоҳ, ватандӯст ва масъулиятшинос кафолати пойдории истиқлол, ваҳдати миллӣ ва рушди устувори Тоҷикистон мебошад.

# РУШДИ МАОРИФ – ОМИЛИ ПЕШРАФТИ КИШВАР

**Воқеан, сулҳ дар баробари дигар арзишҳои соҳибистиқлолӣ меҳвари асосии пойдории давлату ҷомеа буда, заминаи зиндагии осуда, хонадони ором ва пешрафти кишвар маҳсуб меёбад. Дар ин замина, соҳаи маориф ҳамчун зербинои асосии рушди давлату миллат нақши калидӣ дорад. Зеро дуруст ба роҳ мондани таълиму тарбия ва корҳои илмӣ барои омода намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир таъсири бевосита мерасонад.**

Сиёсати маорифпарваронаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боис гардидааст, ки дар давоми 35 соли Истиқлоли давлатӣ соҳаи маориф пайваста рушд намояд. Тавре Роҳбари давлат таъкид намудаанд: «Бунёди миллат аз маориф оғоз меёбад ва ғамхорӣ нисбат ба маориф – сармоягузорӣ барои рушди неруи инсонӣ ва оияндаи ободи давлат ва Ватан мебошад».

Имрӯз бе кадрҳои баландихтисос, ҷавонони донишманд, ватандӯсту худогоҳ рушди минбаъдаи давлатро тасаввур кардан душвор аст. Дар замоне, ки илму техника бо суръати баланд пеш меравад, доштани дониши замонавӣ, касбу ҳунарҳои муосир ва донистани забонҳои хориҷӣ аҳаммияти махсус пайдо кардааст. Соҳибмаърифатӣ ва касбомӯзӣ на танҳо барои пешрафти шахс, балки барои рушди ҷомеа ва баланд гардидани сатҳи зиндагии мардум замина мегузорад.

Давлату Ҳукумати кишвар аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ ба рушди илму маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, ин сиёсатро пайваста таҳким бахшидааст. Қабули қонунҳо, барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои давлатӣ барои ислоҳоти соҳа, беҳтар намудани шароити фаъолияти омӯзгорону олимон ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбия заминаи мусоид фароҳам овард.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ як қатор санадҳои муҳимми ҳуқуқӣ, аз ҷумла, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», «Дар бораи таҳсилоти ибтидоии касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» ва дигар санадҳои соҳавӣ қабул гардидаанд. Ҳамчунин, Стратегияи миллии рушди маориф барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи омӯзишу рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ барои давраи то соли 2030 татбиқ мешаванд.

Маориф дар ҷаҳони муосир ба яке аз муҳимтарин захираҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ табдил ёфтааст. Кишваре метавонад ба дастовардҳои бузург



**Машҳурахон Азимова**
*номзади илмҳои педагогӣ,*
*устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд*
*ба номи академик Бобоҷон Ғафуров*

ноил гардад, ки ба баланд бардоштани сатҳи маърифат ва ҷорӣ намудани техникаву технологияҳои нав таваҷҷуҳи хосса зоҳир намояд.

Таҷрибаи таърихӣ собит кардааст, ки иродаи мустаҳкам, ягонагӣ ва муттаҳидӣ заминаи асосии пешрафти ҷомеа мебошанд. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванд бояд дар рушди маориф, тарбияи насли наврас ва ободии кишвар саҳми худро гузорад.

Дар маҷмуъ, маориф ва илм дар ташаккули ҷомеа, таҳкими Истиқлоли давлатӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоӣ нақши ҳалкунанда доранд. Аз ин рӯ, рушди устувори соҳаи маориф на танҳо вазифаи давлат, балки масъулияти умумии ҷомеа мебошад.

# ИСТИҚЛОЛ — НЕЪМАТИ БЕБАҲО

**Истиқлол барои мо нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои миллат, шиносномаи байналмилалӣ ва рамзи шарафу эътибори Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад. Истиқлол беҳтарин неъмат ва гаронбаҳотарин арзиш барои ҳар давлату миллат ба шумор меравад. Маҳз, дар партави он мо имкон пайдо кардем, ки роҳи мустақили рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии худро интихоб намоем.**



**Гулрухсори Маҳмуд**
*рӯзноманигор*

Дастоварди бузургтарини мо дар тули 35 соли соҳибистиқлолӣ барқарор намудани сулҳу суботи комил, пойдории ваҳдати миллӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ ва болоравии ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ мебошад. Ин ҳама бо хиради азалии миллати тоҷик ва сиёсати сулҳҷӯёнаву созандаи давлат ба даст омадааст.

Истиқлол шарафу номуси ҳар миллати озодаандеш аст. Миллате метавонад дар ҷаҳони пуртазоди муосир соҳиби ному эътибор гардад, ки истиқлоли воқеӣ дошта, сарнавишти худро мустақилона муайян намояд. Имрӯз Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона буда, ваҳдати миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои асосии давлатдорӣ пойдории онро таъмин менамояд.

Истиқлоли давлатӣ барои мардуми мо имконият фароҳам овард, ки арзишҳои миллӣ, забон, фарҳанг, урфу одат ва анъанаҳои аҷдодиро эҳё ва ҳифз намоянд. Дар баробари ин, озодии андеша, ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, волоияти қонун ва иштироки фаъоли мардум дар ҳаёти ҷомеа ба унсурҳои муҳимми давлатдории навин табдил ёфтанд.

Самараи неки Истиқлол аст, ки имрӯз Тоҷикистон дар ҷаҳон ҳамчун кишвари сулҳхоҳу сулҳпарвар шинохта мешавад. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон мавриди омӯзиш қарор гирифта, ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон низ аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пуштибонӣ меёбанд.

Дар ин раванд саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузург аст. Бо роҳбарӣ ва сиёсати дурбинонаи Сарвари давлат Тоҷикистон тавонист сулҳу суботро барқарор намуда, мавқеи худро дар арсаи байналмилалӣ таҳким бахшад ва ба узвияти созмонҳои бонуфузи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шавад.

Аз ҷумла, ташаббуси Тоҷикистон оид ба «Даҳсолаи байналмилалии таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда» барои солҳои 2027–2036, ки аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид қабул гардид, бозгӯйи сиёсати сулҳпарваронаи кишвар ва таваҷҷуҳи он ба амнияти ҷаҳонӣ мебошад. Ин иқдом ба таҳкими фарҳанги сулҳ, пешгирии низоъҳо ва тақвияти ҳамдигарфаҳмӣ миёни давлатҳо равона шудааст.

Истиқлолро метавон марҳалаи дурахшони эҳёи фарҳанг, худшиносии миллӣ ва рушди неруи зеҳниву созандаи ҷомеа арзёбӣ кард. Маҳз, бо шарофати соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон худро ба ҷаҳониён муаррифӣ намуд ва ҷаҳони муосир низ Тоҷикистонро ҳамчун давлати фаъолу ташаббускор шинохт.

Имрӯз вазифаи ҳар шаҳрванди ватандӯст он аст, ки ба қадри ин неъмати бебаҳо расад, сулҳу ваҳдатро ҳифз намояд, барои ободии кишвар саҳм гузорад ва истиқлолро ҳамчун муқаддастарин дастоварди миллат ба наслҳои оянда мерос гузорад.

Бо итминони комил метавон гуфт, ки бо ҳифзи сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва заҳмати содиқона мо Тоҷикистони соҳибистиқлолро боз ҳам ободу пешрафта намуда, ба сӯйи фардои дурахшон қадам хоҳем гузошт.

# САРЧАШМАИ ПЕШРАФТ

**Истиқлоли давлатӣ барои рушди илму маориф, эҳёи арзишҳои миллӣ ва фароҳам овардани имкониятҳои нав ба насли ҷавон заминаи устувор гузошт. Дар ин замина, соҳаи маорифи кишвар низ ба марҳалаи нави рушд ворид гардид. Дар остонаи Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Мавлуда Каримова, Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини директори Маркази кӯдакон ва наврасони ноҳияи Исмоили Сомонӣ атрофи дастовардҳои соҳа ва нақши озмунҳои ҷумҳуриявӣ суҳбат кардем.**

**– Пеш аз ҳама, Шуморо бо Ҷашни хуҷастаи 35-солагии Истиқлоли Тоҷикистони муқаддас табрик мегӯям.**

– Ташаккур!

**– Шумо шоҳиди пешрафту шукуфоии сарзамини аҷдодӣ, аз ҷумла, рушди соҳаи маориф ҳастед. Кадом дастовардҳо Шуморо бештар фараҳманд мекунанд?**

– Барои миллати бостонӣ ва соҳибтамаддуни тоҷик фарҳанг ҳамеша арзиши баланд дошт. Агар ба таърихи миллат назар кунем, мебинем, ки ниёгони мо, ҳатто дар сахттарин рӯзгор аз лавҳу қаламу китоб дур набуданд. Илму адаб ҳамеша дар меҳвари зиндагии гузаштагонамон қарор дошт.

Абушакури Балхӣ гуфтааст:

*Ба фарҳанг бошад равон тандуруст,*
*Гуҳар бе ҳунар хору зор асту суст.*

Бо такя ба ҳамин анъанаҳои нек ва таҷрибаи гузаштагон рушди маориф имрӯз идома дорад. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ маорифро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат қарор додаанд.

Маро ҳамчун омӯзгор, пеш аз ҳама, ҳамқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ гардидани маорифи тоҷик, таҳкими заминаи моддиву техникии соҳа, бунёди ҳазорҳо мактабу кӯдакистони замонавӣ ва муваффақияти хонандагони Тоҷикистон дар озмуну олимпиадаҳои байналмилалӣ шод мегардонад. Чунин имкониятҳо пеш аз соҳибистиқлолӣ вуҷуд надоштанд.

**– Чанд сол аст, ки дар ҷумҳурӣ дар баробари олимпиадаҳои фаннӣ озмунҳои «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ва «Тоҷикистон – Ватани азизи ман» баргузор мешаванд. Нақши ин озмунҳоро чӣ гуна арзёбӣ мекунед?**

– Роҳандозии ин озмунҳо далели дурандешӣ ва таваҷҷуҳи Сарвари давлат ба ояндаи насли ҷавон аст. Онҳо кӯдакону наврасонро зина ба зина ба олами китоб, илму адаб ва худогоҳӣ мебаранд. Шогирдон бо китоб унс мегиранд, аз асрори сухан огоҳ мешаванд ва забони адабиро беҳтар меомӯзанд.

Мо, махсусан дар мактабҳо, бояд бо забони адабӣ сухан бигӯем. Омӯзгор набояд дар ҷараёни дарс ба лаҳҷа такя кунад. Шайх Аттор гуфтааст:

*Эй бародар, гар хирад дорӣ тамом,*
*Нарму ширин гӯй бо мардум калом.*



*Мавлуда Каримова*

Озмунҳои мазкур барои шогирдони мо воқеан парвозгоҳанд.

**– Барои боз ҳам баланд бардоштани мавқеи мактаб чӣ бояд кард?**

– Мактаб танҳо ҷойи омӯзгорону хонандагон нест. Он боргоҳи илму адаб ва маркази иртиботи аҳли ҷомеа, падару модарон ва фарҳангиён мебошад. Барои баланд бардоштани сатҳи дониш ва худогоҳии хонандагон ҷомеа бояд мактабро танҳо нагузорад. Падару модарон ва аҳли зиё бояд бештар ба мактаб оянд, дар дарсҳо иштирок кунанд ва бо омӯзгорон ҳамкорӣ намоянд. Зеро

*Машварат корҳо ба сомон кард,*
*Ҳар чӣ душвор буд, осон кард.*

**– Ташаккур барои суҳбат.**

*Суҳбаторо*
**Убайдулло Акрамзод**

# САРЧАШМАИ ЭҲЁИ МИЛЛӢ

**«Истиқлол барои мо рамзи ҳастии давлат, бақои миллат, шарафу номуси миллӣ ва омили асосии пешрафти ҷомеа мебошад».**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Соли 2026 мардуми сарбаланди Тоҷикистон бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ Ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро пешвоз мегиранд. Истиқлол барои миллати тоҷик танҳо як рӯйдоди сиёсӣ нест, балки оғози марҳилаи нави давлатдорӣ, эҳёи арзишҳои миллӣ, таҳкими худшиносӣ ва бунёди ҷомеаи озоду соҳибихтиёр мебошад.

Рӯзи 9-уми сентябри соли 1991 дар таърихи ҳазорсолаи тоҷикон саҳифаи нав боз гардид. Бо эълони Истиқлоли давлатӣ ормони деринаи миллат амалӣ шуда, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардид.

Давлатдории тоҷикон таърихи чандинҳазорсола дорад. Ниёгони мо аз қадим дар ташаккули тамаддуни башарӣ ва бунёди давлатҳои неруманд саҳми арзанда гузоштаанд. Давлатҳои Ҳахоманишиён, Юнону Бохтар, Кӯшониён ва махсусан, Сомониён аз намунаҳои барҷастаи давлатдории ниёгони тоҷик ба ҳисоб мераванд.

Давлати Сомониён дар асрҳои IX-X нуқтаи авҷи давлатдории миллӣ буд. Дар ин давра забони тоҷикӣ-форсии дарӣ ҳамчун забони илму адаб ва фарҳанг рушд кард. Бухоро ба маркази илму фарҳанг табдил ёфта, фарзандони фарзонаи миллат, аз ҷумла, Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абуалӣ ибни Сино ва дигар донишмандон ба пешрафти тамаддуни башарӣ саҳми бузург гузоштанд.




Пас аз сукути давлати Сомониён тоҷикон дар тули садсолаҳо забон, фарҳанг ва ҳувияти миллии худро ҳифз намуданд. Аз ин ҷиҳат, Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон идомаи мантиқии анъанаҳои давлатдории миллӣ мебошад. Он ба халқи тоҷик имкон дод, ки сиёсати дохилию хориҷии худро мустақилона муайян намуда, давлатдории миллиро таҳким бахшад.

Истиқлол рамзи озодӣ, соҳибихтиёрӣ, ваҳдати миллӣ ва кафили ҳастии давлат аст. Маҳз дар давроні соҳибистиқлолӣ барои рушди иқтисод, илму маориф, фарҳанг, тандурустӣ, саноат ва энергетика шароити мусоид фароҳам омад.

Дар давоми 35 соли Истиқлол дар мамлакат садҳо муассисаҳои таълимӣ, тандурустӣ, фарҳангӣ ва варзишӣ бунёд шуда, роҳҳои байналмилалӣ, нақбҳо, пулҳо ва дигар иншооти муҳимми стратегӣ сохта шуданд. Дар соҳаи энергетика ва саноат лоиҳаҳои бузург амалӣ гардида, барои рушди устувори иқтисоди кишвар замина гузошта шуд.

Дар баробари ин, ба эҳёи фарҳанги миллӣ, ҳифзи мероси таърихӣ, рушди забони давлатӣ ва таҳкими худшиносии миллӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид. Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ низ ҳамчун кишвари сулҳпарвар ва ташаббускор мавқеи худро таҳким бахшид. Пешниҳодҳои кишвар дар масъалаҳои об, ҳифзи пиряххо ва тағйирёбии иқлим аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ дастгирӣ ёфтанд.

Истиқлол неъмати бебаҳоест, ки ҳифзи он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад. Ҳар як фарди ватандӯст бояд бо дониш, меҳнати ҳалол, ахлоқи ҳамида ва ҳисси баланди миллӣ барои ободии Ватан саҳм гузорад. Ҳифзи сулҳу ваҳдат, эҳтироми қонун ва арҷгузорӣ ба рамзҳои давлатӣ кафолати рушди устувори давлат аст.

Имрӯз Тоҷикистон бо эътимоди комил ба оянда қадам мегузорад. Таҷрибаи солҳои соҳибистиқлолӣ нишон дод, ки танҳо дар фазои сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва меҳнати содиқона метавон давлати пешрафта ва ҷомеаи обод бунёд кард.

**Темирзода Бахтовар**
*муаррих*

# БА МАҶАЛЛАИ «ФИРӮЗА»
# БАРОИ СОЛИ 2027 ОБУНА ШАВЕД!



*Хонандагони азиз!*

*Маҷаллаи «Фирӯза» инъикосгари ҳаёт, фаъолият ва баёнгари зиндагии ибратомӯзи шумост! Розу ниёзшунав ва маслиҳатгару ҳамдили шумост!*

*«Фирӯза» ҳамсуҳбатест, ки ба шумо шеъру достон мехонад, қиссаву ҳикоя мекунад, чун оина чеҳраҳоятонро ба тозагиву зебоӣ пурҷило менамояд, ҳунару эҷод ва мавқеи шуморо дар ҷамъият чун намунаи ибрат тарғиб мекунад.*

*«Фирӯза» беш аз 94 сол аст, ки по ба пойи шумо қадам мебардорад, бо шукргузорӣ аз озодиву Истиқлоли давлатӣ васфи дастовардҳои Ватанро мекунад.*

*Барои дар сатҳи баланд нашр шудани маҷалла саҳми ҳар яки шумо ҳалкунанда мебошад. Моро дастгирӣ намоед ва ба маҷаллаи занони Тоҷикистон – «Фирӯза» обуна шавед!*

*Обуна дар тамоми шуъбаҳои Департаменти «Почтаи Тоҷикистон» қабул карда мешавад.*

*Индекси обуна 77543*

*Арзиши обунаи солона 180 сомонӣ, тариқи почта 205 сомонӣ.*

*Агар маблағро бевосита ба суратҳисоби маҷаллаи «Фирӯза» интиқол кардан хоҳед, суратҳисоби мо чунин аст:*

*Р/С 20202972700621101000*
*МФО 350101626*
*К/С 20402972316264*
*РЯМ 030002727*
*Инд. 734025*
*Департаменти Хазинадории*
*БДА ҶТ «Амонатбонк»*
*С/М МД маҷаллаи «Фирӯза»*


МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ
МАҶАЛЛАИ
«ФИРӮЗА»
«Занони Тоҷикистон»
Таъсис аз соли 1932

Муассис:
Вазорати фарҳанги
Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Сармуҳаррир:**
Мавҷуда Саидзода

**МУШОВИРОН:**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ**
*Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Сафарзода Анвар**
*Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа*

**Сатториён Матлубахон Амонзода**
*Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон*

**Давлат Сафар**
муовини Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Зулфия Атоӣ**
Шоири халқии Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**

*Котиби масъул:*
Дилороми Раҷаб

*Муҳаррирон:*
Сарвар Урозова
Одил Соҳибзода
Шоиста Исматзода
Нилуфар Раҳмонова

*Дизайнер:*
Фурӯзонфар Неъматов

**НИШОНИИ ИДОРА:**

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе,
хиёбони Рӯдакӣ, 34
тел./факс: 221-55-64 / 227-65-88
E-mail: firuza_tojikiston@mail.ru
www.firuza-tojikiston.tj

Андозаи 60х84 $^{1}/_{8}$.
ҷузъи чопӣ 4.
Дар матбааи ҶДММ «Эр-граф»
ба табъ расидааст.



Масъулияти саҳеҳии
арқом, санаду иқтибос
ба зиммаи муаллифон аст.
Дар ин шумора баъзе хабару
гузоришҳо ва аксҳо аз расонаҳои
Интернет истифода шудаанд.

Нашри маводди маҷаллаи
«Фирӯза» бе иҷозат мамнуъ аст!


ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
1991
2026
35
СОЛ
STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN